Бани одам аъзои якдигаранд!

آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

27 июли соли 2022
Чоршанбе
№ 59 (14864)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# БА ИШТИРОКДОРОНИ АНҶУМАНИ БАЙНАЛХАЛҚИИ «АФҒОНИСТОН: БЕХАТАРӢ ВА ИНКИШОФИ ИҚТИСОДӢ»

***Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!***
***Хонумон ва ҷанобон!***

*Аз истиқбол намудани тамоми иштирокдорони Анҷумани байналхалқии Тошканд «Афғонистон: бехатарӣ ва инкишофи иқтисодӣ» самимона шод ҳастам.*

*Хусусан ба Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Антониу Кутерриш барои дастгирии ташаббусамон дар бораи баргузор намудани анҷумани мазкур миннатдорӣ баён менамоям.*

*Иштироки вакили Котиби генералии СММ ҷаноби Маркус Потсел дар кори он гувоҳи моилии бебозгашти Созмони Милали Муттаҳид ба мақсадҳои мустаҳкамсозии сулҳ ва субот дар Афғонистон ба шумор меравад.*

*Аҳамияти мулоқоти имрӯзаро иштироки намояндагони махсуси Иттиҳоди Аврупо ва мамлакатҳои Аврупо, Чин, Русия, ИМА, давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, Шарқи Наздик ва Миёна, минтақаи Осиёву уқёнуси Ором пурзӯр менамояд. Шумо бевосита ба қабули қарорҳо дар бобати бартарафсозии мушкилоти Афғонистон ва мадад ба мардуми Афғонистон ҷалб гаштаед.*

*Мо аз дидани роҳбарони Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва ҳамчунин намояндагони институтҳои байналхалқии молиявӣ ва марказҳои саршумори таҳлилӣ дар ҳамоиши имрӯза шод ҳастем.*

*Иштирокдорони анҷуманро аз ҳисоби ҳайати бонуфузи Афғонистон зери роҳбарии иҷрокунандаи вазифаи вазири корҳои хориҷӣ ҷаноби Амир Хон Муттақӣ хайрамақдам мегӯем.*

*Бовар дорем, ки анҷумани ҷорӣ ба табодули конструктивии афкор нисбати роҳандозии ҳамкорӣ бо ҳокимияти нави Афғонистон, ки бо назардошти ҳамаҷонибаи манфиатҳои мардуми Афғонистон ва умуман ҷомеаи ҷаҳон асос меёбад, мусоидат хоҳад кард.*

***Муҳатарам иштирокдорони анҷуман!***

*Дар тӯли ҳазорсолаҳо мардумони Ӯзбекистон ва Афғонистон паҳлӯи ҳамдигар зиндагӣ кардаанд. Моро маданият, маънавият ва арзишҳои таърихӣ, дин ва мероси ягонаи ниёкони бузург муттаҳид месозад.*

*Таъкид бояд кард, ки бе суботнокӣ дар соҳили дигари Амударё ба бехатарӣ ва рушди устувор дар Ӯзбекистон ва умуман минтақаи Осиёи Марказӣ ноил гардидан ғайриимкон мебошад.*

*Бинобар ин кам гардидани эътибори ҷаҳон ба Афғонистон наметавонад нигарон насозад, ки он бо буҳрони амиқи иҷтимоиву иқтисодӣ ва гуманитарӣ дар таърихи навини худ мувоҷеҳ мегардад.*

*Мо боварӣ дорем, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳон метавонад ва бояд аз такрори хатогиҳои солҳои 1990 худдорӣ намояд.*

*Ба бегонасозии байналхалқии Афғонистон набояд роҳ дод, ки бешак ба минбаъд хароб гардидани вазъияти гуманитарӣ мебарад. Сухан дар бораи тақдири миллионҳо одамон меравад.*

*Ҳоло Ҳукумати муваққатии Афғонистон дар заминаи сохтмони сулҳомези мамлакат иқдоми муайян мегузорад, барои беҳсозии вазъияти иҷтимоиву иқтисодӣ, роҳандозии муносиботи дӯстона бо давлатҳои ҳамсоя, ҳамкории муфиди тарафайн бо ҷомеаи ҷаҳон кӯшиш менамояд. Ва мо ин кӯшишотро рағбатнок намоем ва дастгирӣ созем.*

*Ҳамзамон шартҳои асосии барқарор гардидани сулҳи дарозмуддат дар Афғонистон ташаккул додани намояндагии фарогири тамоми қишри ҷамъияти Афғонистон дар идораи давлат, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои аслии инсон, хусусан занон ва тамоми гурӯҳҳои милливу динӣ боқӣ мемонад.*

*Мо аз ҳукумати имрӯзаи Афғонистон даъват менамоем, ки иродаи қатъӣ зоҳир намуда, барои бартарафсозӣ ва муқовимат бар зидди терроризм дар ҳар шакл ва зуҳури он чорабиниҳои қатъӣ андешад, бо тамоми ташкилотҳои байналхалқии террористӣ алоқаҳои худро қатъ намояд.*

*Ин ба мустаҳкам гардидани боварӣ ба Ҳукумати муваққатӣ мусоидат намуда, истиқболи воқеиро барои рушди босуботи Афғонистон дар фазои дӯстӣ, некҳамсоягӣ ва ҳамкории тарафайни муфид бо ҳамсояҳои наздики худ ва ҷомеаи ҷаҳон мусоидат хоҳад намуд.*

***Дӯстони азиз!***

*Резолютсияи махсусе, ки Ассамблеяи генералии СММ ба қарибӣ дар бораи мустаҳкамсозии вобастагии байни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ қабул намуд, инчунин аҳамияти муҳими нигоҳ доштани сулҳро дар Афғонистон барои таъмини бехатарии байналхалқӣ собит намуд.*

*Мо, тамоми ҷомеаи ҷаҳон бо мардуми Афғонистон ҳамбастагиро бояд зоҳир намоем. Мо бояд кӯшишоти худро ба бунёди пешомади воқеии Афғонистон – чун мамлакати сулҳҷӯ, босубот ва шукуфон, холӣ аз терроризм, ҷанг ва маводи мухаддир равон намоем.*

*Барқарор намудани иқтисодиёти Афғонистон кори умумии афзалиятноки мо бояд бошад, ки дар даст ёфтан ба сулҳи қатъӣ дар ин мамлакати заҳматкашида шарти муҳим ба шумор меравад. Аз он ҷумла, ин ҳамгароии онро ба ҷараёнҳои иқтисодии байниминтақавӣ, татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтор ва аз лиҳози иҷтимоӣ муҳим фаро мегирад.*

*Ӯзбекистон, аз ҷониби худ ба кӯшишоти байналхалқӣ дар бобати ҳамкории иҷтимоиву иқтисодӣ ва эҳёи гуманитарии Афғонистон, аз он ҷумла бо пешбурди лоиҳаҳои бузурги инфрасохтори фароминтақавӣ саҳми назаррас мегузорад.*

*Дар охир мехоҳам изҳори боварӣ намоям, ки анҷумани имрӯза барои мубоҳисаҳои босамар ва таҳияи бархурдҳои ҳамоҳанггардидае, ки ба манфиат ва ормонҳои мардуми Афғонистон ҷавобгӯ мебошад, майдони боровар мегардад.*

*Ба ҳамаи иштирокдорони анҷуман кори бобарор мехоҳам.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.***

# ҚОНЕЪ НАМУДАНИ ДАРХОСТИ МАРДУМ – МУҲИМТАРИН ВАЗИФАИ ҲАР ЯК РОҲБАР

***Президент Шавкат Мирзиёев 26 июл доир ба муҳокимаи пешниҳодоте, ки барои беҳтар намудани ҳаёти аҳолӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии соҳибкорон нигаронда шудааст, ҷамъомад баргузор намуд.***

Дар солҳои охир дар тамоми соҳаҳо ва самтҳо ислоҳоти куллӣ ба амал татбиқ гардид. Стратегияи тараққиёт дебочаи марҳилаи нави ислоҳот дар мамлакат гардид. Мақсади аввалини он сохтмони давлати инсонпарвар бо роҳи баланд бардоштани қадр ва шарафи инсон ва инкишофи минбаъдаи ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ муайян карда шудааст.

Тамоми бозсозие, ки дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба амал татбиқ мегардад, ба таъмини манфиатҳои инсон нигаронда шудааст. Аз он ҷумла, маҳсулоти нохолиси дохилӣ дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 5,4 фоиз афзуд. Суръати инкишофи саноат, сохтмон, савдо ва хидматрасонӣ дар ҳаёти аҳолӣ таъсири мусбӣ мегузорад.

Ҳамзамон дар асоси омӯзиши муроҷиатҳо дар Қабулхонаҳои халқӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва бо роҳи пурсишҳо дар соҳаҳо ва минтақаҳо мушкилот муайян карда шуда, пешниҳодоти аҳолӣ ҷамъоварӣ мегардад. Дар асоси онҳо қарорҳое қабул мегарданд, ки ба фароҳмандии одамон хидмат мекунанд.

Аз он ҷумла, тартиби литсензия ва иҷозат дар соҳаи соҳибкорӣ сода карда шуда, муддати расмӣ кардани он кӯтоҳ карда шудааст. Аз аввали сол беш аз 50 ҳазор воҳиди нави соҳибкорӣ ташкил карда шуд. 28 фоизи иморатҳое, ки аҳолӣ харид намудааст, аз ҳисоби кредити ипотека таъмини молиявӣ гаштааст. Дар бораи аз 1 сентябр пардохтани кумакпулӣ барои ҳомила ва таваллуд дар ҳаҷми 2 миллион сӯм аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба заноне, ки дар сектори хусусӣ кор мекунанд, қарор қабул карда шуд.

Дар ҷамъомад масъалаҳое, ки мардум ва аҳли тиҷоратро нигарон намудааст, инчунин пешниҳодот ва ташаббусҳои онҳо аз ҳар ҷиҳат таҳлил гардиданд. Ба шахсони масъул барои қонеъ намудани пешниҳодоти асоснок, зиёд намудани қулайиҳои мардум супоришҳо дода шуд.

Президент таъкид кард, ки қонеъ намудани дархости мардум, ба вуҷуд овардани тамоми шароит барои рушди соҳибкорӣ барои тамоми роҳбарон вазифаи аввалдараҷа бояд бошад.

**ЎзА.**

# АНҶУМАНИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ТОШКАНД БА ТАЪМИНИ СУБОТНОКИИ АФҒОНИСТОН ХИДМАТ МЕНАМОЯД

***25-26 июл дар шаҳри Тошканд анҷумани байналхалқӣ дар мавзӯи «Афғонистон: бехатарӣ ва инкишофи иқтисодӣ» баргузор гардид.***

Дар кори анҷуман намояндагони махсус оид ба Афғонистон аз Иттиҳоди Аврупо ва мамлакатҳои Аврупо, Чин, Русия, ИМА, давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, Шарқи Наздик ва Миёна, минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором, роҳбарон ва мутахассисони ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, ҳайатҳои марказҳои саршиноси таҳлилӣ ва Ҳукумати муваққатии Афғонистон иштирок намуданд.

Мақсадҳои асосии чорабинии мазкур таҳияи чораҳои васеъмиқёс доир ба огоҳии буҳрони гуманитарӣ дар Афғонистон, ҳамдастӣ ба барқарорсозии иқтисодиёти миллии он, ҷалби ин мамлакат ба ҷараёни ҳамкории минтақавӣ дар роҳи манфиатҳои мардуми сермиллати Афғонистон ва тамоми ҷаҳон гардиданд.

Анҷуманро иҷрокунандаи вазифаи вазири корҳои хориҷии мамлакат Владимир Норов ифтитоҳ намуда, дар бобати вазифаҳои муҳиме, ки дар назди ҳукумати Афғонистон қарор дорад, тавaққуф намуд.

Пас аз он намояндаи махсуси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ, муовини котиби Шӯрои бехатарии назди Президент Абдулазиз Комилов муроҷиати роҳбари давлатамонро ба иштирокдорони анҷуман қироат кард.

Иҷрокунандаи вазифаи вазири корҳои хориҷии Афғонистон Амир Хон Муттақӣ таъкид кард, ки суботнокӣ дар мамлакати вай гарави сулҳ ва бехатарӣ дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.

Дар ҷараёни ҷамъомади умумии анҷуман аз ҷониби коршиносони хориҷӣ пешниҳодот ва ташаббусҳои гуногун пешбарӣ гардида, аз рӯи мавзӯъ гузоришҳо шунида шуданд. Ҳамзамон дар бобати ногузирии таҳияи бархурд ва принсипҳои ҳамоҳанггардидае, ки ба баланд бардоштани дараҷаи бехатарӣ ва вазъияти иҷтимоиву иқтисодӣ мусоидат менамоянд, тавофуқ ба амал омад.

Бинобар барномаи анҷуман инчунин ҷамъомадҳои сексионӣ бахшида ба мавзӯъҳои мухталифи муҳим ба вуқӯъ пайвастанд. Тақдимоти лоиҳаҳои гуманитарӣ ва инфрасохторӣ ба вуқӯъ пайвастанд, ки ба таъмини суботнокӣ дар Афғонистони ҳамсоя нигаронда шудааст.

Мутахассисон ва коршиносони ботаҷриба ва маъруфи хориҷӣ, ки аз анҷумани Тошканд боздид намуданд, кӯшишоти мамлакатамонро дар бобати таъмини бехатарӣ, сулҳ ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла дар бобати ба мамлакати осуда ва шукуфон, аз терроризм ва ҷанг озод табдил додани Афғонистон баланд арзёбӣ намуданд. Дар поёни чорабинӣ Изҳороти мамлакати ташкилдиҳандаи анҷумани байналхалқӣ оид ба Афғонистон қабул гардид.

**Беҳрӯз ХУДОЙБЕРДИЕВ,**
**Улуғбек МАҲМИРЗОЕВ,**
**хабарнигорони ЎзА.**



*70 фоизи либосҳои мардонае, ки дар корхонаи оилавии «Urgut sanoat servis» воқеъ дар минтақаи озоди иқтисодии Ургут истеҳсол мегарданд, ба хориҷ экспорт карда мешаванд. Харидорони маҳсулот дар хориҷ асосан давлатҳои ҳамсояанд. Назар ба таъкиди роҳбари корхона Маҷидхон Исломов, наздик 70 нафар коргарону ходимони дар ин ҷо машғулро занону духтароне ташкил менамоянд, ки ба дафтарҳои иҷтимоӣ даровaрда шудаанд.*

***Дар сурат:** дар корхонаи оилавии «Urgut sanoat servis» дар минтақаи озоди иқтисодии Ургут.*

***Суратгир: А.ИСРОИЛОВ (ЎзА).***

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# ДАР БОРАИ ТАСДИҚ КАРДАНИ СТРАТЕГИЯИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

Солҳои охир дар кишвар ислоҳоти пайваста, ки ба такмил додани низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, афзун гардондани ҳаҷми маблағҳое, ки аз Буҷаи давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои соҳаи иҷтимоӣ ҷудо карда мешаванд ва ҷалби захираҳои иловагӣ, васеъ гардондани фарогирӣ бо барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ҷорӣ кардани механизмҳои иловагӣ оиди аз вазъияти мураккаби ҳаётӣ баровардани оилаҳо нигаронда шудаанд, гузаронда мешаванд. Аз ҷумла:

бо мақсади муайян намудани оилаҳои камбизоат ва расонидани кумаки мақсаднок ба онҳо низоми иттилоотии **«Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ»** ҷорӣ карда шуд;

дар се соли охир шумораи оилаҳои камтаъмин, ки кумакпулӣ мегиранд, **чор баробар афзуда, ба 1,9 миллион нафар расид;**

**фарогирӣ бо кумакпулиҳо барои нигоҳубини кӯдакони оилаҳои камтаъмин васеъ карда шуд**, синну соли кӯдакон, ки ҳангоми таъин кардани нафақа ба инобат гирифта мешавад, аз 14 то 18 сол зиёд карда шуд, **мӯҳлати пардохт аз 6 моҳ то 12 моҳ дароз карда шуд,** миқдори кумакпулӣ **ба ҳисоби миёна 1,5 баробар зиёд карда шуд**;

кумакпулии ҳадди ақалли бекорӣ **3,2 баробар зиёд карда**, барои бо кор таъмин намудани аҳолӣ **зиёда аз 20 воситаҳои нав ҷорӣ карда шуд**.

Бо назардошти мақсадҳое, ки дар Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 муайян шудаанд, инчунин ба мақсади пайваста идома додан ва минбаъд такмил додани ислоҳсозии низомноки соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳифзи иҷтимоӣ, фароҳам овардани низоми самарабахши ҳамоҳангсозии байниидоравии аз ҷониби давлат додани ёрии иҷтимоӣ ва хидматрасонӣ:

**1. Самтҳои афзалиятноки ҳифзи иҷтимоии аҳолии** Ҷумҳурии Ӯзбекистон инҳо муайян карда шаванд:

**фарогирии ҳамаи оилаҳо ва ашхоси ба он эҳтиёҷманд** ва ба меъёрҳои таъин кардани кумакпулиҳои иҷтимоӣ ҷавобгӯ бо барномаҳои кумаки иҷтимоӣ;

васеъ намудани имкониятҳои **истифодаи кафолатҳои ҳатмии иҷтимоӣ, аз ҷумла намудҳои ҳифзи иҷтимоӣ тавассути рақамикунонии соҳа**, ҷорӣ намудани принсипҳои ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар ин равандҳо;

таъмини **кафолатҳои ҳатмии иҷтимоӣ ва пурзӯр** намудани ҳифзи иҷтимоии **табақаҳои ниёзманди** аҳолӣ;

**марҳила ба марҳила гузаштан ба модели иҷтимоии муайян кардани маъюбӣ,** инчунин таъмини шуғли шахсони имкониятҳошон маҳдуд ва ногиро;

**бо маснуоти замонавии протезию ортопедӣ** ва воситаҳои офият **таъмин кардани** табақаи аҳолии эҳтиёҷманд;

ҷорӣ намудани амалияи **хидматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ бевосита дар сатҳи маҳалла.**

**2.** Инҳо тасдиқ карда шаванд:

**Стратегияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Ӯзбекистон** мутобиқи замимаи № 1;

**Нишондиҳандаҳои мақсадноки Стратегияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Ӯзбекистон** мутобиқи замимаи № 2;

**“Харитаи роҳ” оид ба татбиқи Стратегияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои солҳои 2022-2023** мутобиқи замимаи № 3.

Муқаррар карда шавад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Ӯзбекистон муайянгардида аз соли 2024 аз ҷониби Девони Вазирон дар ҳар ду сол як маротиба “харитаҳои роҳ” тасдиқ карда мешавад.

**3.** Дар таркиби Вазорати молия **Фонди суғуртаи иҷтимоии** бидуни мақоми шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шавад.

Муқаррар карда шавад, ки манбаъҳои маблағгузории фаъолияти Фонди суғуртаи иҷтимоӣ маблағҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дигар манбаъҳое мебошанд, ки қонун манъ накардааст.

**4.** Муқаррар карда шавад, ки аз ҳисоби Фонди суғуртаи иҷтимоӣ:

а) аз 1 сентябри соли 2022 кумакпулӣ бинобар ҳомиладорӣ ва таваллуд аз ҳисоби хароҷоти ҳадди ақали истеъмолӣ дар доираи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ пардохт карда мешавад.

Дар баробари ин, агар дар собиқаи кори корманд то як моҳ танаффус мавҷуд бошад, дар вақти ҳисоб кардани собиқаи кори доимӣ моҳҳои пеш аз танаффус ва баъд аз он ба назар гирифта мешаванд;

б) дар оянда пардохти кумакпулии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ **марҳила ба марҳила тавассути системаи иттилоотии «Фестри ягонаи хифзи иҷтимоӣ» сурат мегирад.**

**5.** Агентии рушди хидматрасонии тиббию иҷтимоӣ (А. Инаков) якҷо бо Вазорати тандурустӣ (Б. Мусаев), Вазорати маорифи халқ (Б. Саидов), Вазорати молия (Т. Ишметов), Вазорати дастгирии маҳалла ва насли калонсол (С. Турдиев), Кумитаи давлатии оила ва занон (З. Махкамова) ва вазорату идораҳои дигари манфиатдор:

ба мӯҳлати то 1 марти соли 2023 рӯйхати хидматҳои ҳадди ақалли иҷтимоии аз ҷониби давлат кафолат додашуда ва беподош додамешударо ташаккул диҳанд ва барои тасдиқ ба Девони Вазирон тақдим намоянд;

ба мӯҳлати то 1 июли соли 2023 стандартҳои пешниҳоди хидматрасониҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашуда ва ройгони ҳадди ақалли иҷтимоиро тасдиқ намоянд.

**6.** Ба муносибати ташкили Фонди суғуртаи иҷтимоӣ инҳо таъсис дода шаванд:

аз 1 сентябри соли 2022 **Шуъбаи ташкили фаъолияти Фонди суғуртаи иҷтимоии** иборат аз се воҳиди штатӣ аз ҳисоби барҳам додани Раёсати нигаҳдории биноҳои маъмурии назди Вазорати молия;

**Сектори пардохтҳои иҷтимоӣ, ки тавассути системаи иттилоотии «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ»**, ки аз ду воҳиди штатӣ иборат аст, аз ҳисоби воҳидҳои штатии дастгоҳи иҷроияи Фонди нафақаи ғайрибуҷетӣ амалӣ карда мешавад;

Аз 1 сентябри соли 2022 **шуъбаҳои идоракунии маблағҳои Фонди суғартаи иҷтимоӣ ва мониторинги пардохти кумакпулиҳои суғуртаи иҷтимоии** назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, сарраёсатҳои молияи ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, ки аз ду воҳиди штатӣ иборат аст, дар доираи воҳидҳои штатии умумӣ.

**7.** Агентии миллии иттилооти Ӯзбекистон, Ширкати миллии телевизиону радиои Ӯзбекистон ва Агентии ахбор ва коммуникатсияи оммавӣ якҷоя бо Вазорати молия мунтазам, низомнок ва васеъмиқёс равшан намудани мақсад ва вазифаҳои Фармони мазкурро дар байни аҳолӣ дар воситаҳои ахбори оммавии чопӣ ва электронӣ, аз он ҷумла ба воситаи шабакаи ҷаҳонии Интернет таъмин намоянд.

**8.** Вазорати молия якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар мӯҳлати як моҳ ба Девони Вазирон дар бораи тағйироту иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, таклифҳо пешниҳод намояд.

**9.** Ба зиммаи вазири молия Т. А. Ишметов масъулияти шахсӣ барои ташкили самараноки иҷрои Фармони мазкур гузошта шавад.

Муҳокимаи рафти иҷрои Фармони мазкур, ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти ташкилотҳои барои иҷрои он масъул ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ҷ. А. Кӯчқоров гузошта шавад.

Дар бораи самарабахшии чорабиниҳои амалишаванда дар ҳар семоҳа Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон хабардор карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*25 июли соли 2022.*

# ВИЛОЯТИ БУХОРО: ТАШАББУСИ ПРЕЗИДЕНТ НАТИҶА МЕДИҲАД

***Ёварони ҳокимон, ки дар маҳалҳо бо ташаббуси Президенти кишвар ба фаъолияти худ шурӯъ намуданд, ҷиҳати ҳалли мушкилоти аҳолии ниёзманди дастгирии иҷтимоӣ корҳои густурдаро амалӣ менамоянд. Инро дар мисоли расондани ёрӣ ба одамоне, ки ба «дафтари занон» ё «дафтари оҳанин» дохил карда шудаанд, дидан мумкин аст.***

Корҳои мусбате, ки дар ин самт дар вилояти Бухоро анҷом дода мешаванд, низ самараи худро медиҳанд. Дар тӯли ҳафт моҳи соли ҷорӣ ба 9 928 занони вилоят ба маблағи умумии 187 миллиарду 500 миллион сӯм вомҳои имтиёзнок ҷудо карда шуд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар маҳаллаҳо эҳтиёҷот ба дастгирии моддӣ ва вомҳо дар асоси омӯзиши ёварони ҳокимон ва тавсияномаҳои онҳо баланд мегардад. Ба масъалаи касбомӯзии занони бекор, расондани ёрии моддӣ ба воситаи ҷудо кардани вомҳои имтиёзноки бонкҳо таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Дар ин бобат дар сафари матбуотӣ таҳти мавзӯи «Нақши ёварони ҳокимон дар баланд бардоштани мақоми маҳалла, татбиқи лоиҳаҳои тиҷоратӣ, дастгирии оилаҳои эҳтиёҷманд чӣ гуна аст?», ки дар Бухоро баргузор гардид, сухан рафт. Онро Вазорати рушди иқтисодӣ ва коҳиш додани камбизоатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон якҷоя бо Агентии кори маҳаллабайъ ва рушди соҳибкорӣ ва ҳокимияти вилоят ташкил кардааст.

Нахуст журналистон бо фаъолияти ҶММ «Selikopit» дар маҳаллаи «Шергирон»-и вилояти Бухоро, ки ба он соҳибкор Маликбек Чориев роҳбарӣ мекунанд, шинос шуданд. 70 фоизи коргарону мутахассисони корхонаро занони ташкил медиҳанд, ки қаблан бекор буданд.

– Пештар ин корхона як сехи хурде буд, ки дар шароити мутобиқшуда дар маҳаллаи «Работиқалмоқ» фаъолият мекард, – мегӯяд муовини раиси маҳаллаи «Шергирон» Азизбек Шаропов. – Пас аз омӯзиш тасмим гирифта шуд, ки як қисми бинои холии бо услуби замонавӣ сохташуда ба субъекти соҳибкорӣ, ки фаъолияташро густариш доданист, ба иҷора дода шавад.

– Имрӯз дар асоси фармоиши шарики асосии худ – ҶММ «Луна» (Русия) барои сайёҳон хаймаю халтаҳои мустаҳкам дӯхта, ҳар моҳ ба маблағи ҳудуди сад ҳазор доллар маҳсулот содир менамоем, – мегӯяд роҳбари корхона М.Чориев. – Инак, мо моҳе ба ҳисоби миёна ҳазор хайма ва 1300 халта истеҳсол карда, сад фоизи маҳсулоти худро ба шарикони хориҷӣ интиқол медиҳем. Дар оянда ният дорем фаъолиятамонро васеъ гардонем.

Дар соҳибкорӣ кордонӣ, меҳнатдӯстӣ ва ғайратмандӣ нақши муҳим мебозад. Сокини маҳаллаи «Қаҳрамон»-и ноҳияи Рометан Акмал Маҳмудов фурӯши тухмӣ ва чормағзи бастабандшударо ба роҳ монда, бо ин роҳ оилаашро бо кору даромад таъмин кард.

– Дар корхонаи оилавии «Алишер Дилсора», ки фаъолияташро ҳашт сол қабл оғоз намудааст, имрӯз 10 нафар меҳнат мекунанд, – мегӯяд ёвари ҳоким дар ин маҳалла Азамат Камолов. – Барои бастабандии 155 килограмм тухмӣ дар як соат имконият фароҳам оварда шуд. Соҳибкор соли гузашта аз ҳисоби маблағи худ технологияи туркии тамғаи «Pamukalle» харида, васл намуд, ки ба туфайли он маҳсулнокии меҳнат афзуд. Ашёи хоми зарурӣ натанҳо аз ноҳия, балки вилоятҳои Сурхондарё ва Қашқадарё харид карда мешавад.

Зикр кардан ҷоиз аст, ки истироҳатгоҳи «Рометан сайлгоҳи», ки ҳоло дар маркази ноҳияи Рометан сохта мешавад, дар минтақа ҳамто надорад. Пас аз шуҳрат пайдо кардани минтақаи истироҳатии OAZIS, ки дар масофаи 10 километр аз маркази вилоят дар асоси андозаҳои замонавӣ сохта шудааст, ин мавзеъ низ маконни дӯстдоштаи сокинони вилоят мегардад. Дар ин ҷо ансамбли ба худ хоси нусхаҳои хурди ёдгориҳои машҳури меъмории Париж, Мелбурн, Лондон, Лос-Анҷелес барпо карда мешавад.

– Барои ин лоиҳа дар маҳаллаи Ибни Сино дар маркази вилоят 31 гектар замин ҷудо карда шуд, – мегӯяд муовини ҳоким Талъат Шоев. – Корҳо оид ба бунёд намудани ҳар як иншоот бо тарҳи беназир байни 62 нафар соҳибкорон тақсим карда шуданд. Дар ин ҷо 70 минтақаи истироҳат, нуқтаҳои расондани хидмати савдо ва маишӣ сохта мешаванд. Мо омодаем ин объектро то ҷашни истиқлолияти мамлакатамон ба истифода супорем.

Дар маҷмӯи ягона, ки арзиши умумии лоиҳавии он 15 миллиарду 300 миллион сӯмро ташкил медиҳад, ба истифода додани аттраксионҳои гуногун барои бачаҳо, дуконҳо, нуқтаҳои савдо ва хӯроки умумӣ ба нақша гирифта шудааст. Объектҳои мазкур ба соҳибкорон ба муҳлати 50 сол ба иҷора дода мешаванд. Аз ҳама муҳимаш ба истифода додани маҷмӯъ беш аз 200 нафарро бо ҷои кори доимӣ таъмин хоҳад кард.

Дар баробари ин иштирокдорони сафари матбуотӣ аз фаъолияти ёварони ҳоким дар маҳаллаҳои «Валфаҷр»-и ноҳияи Пешкӯ, «Анҷирбоғ»-и ноҳияи Вобканд – Ҷамшед Холов ва Баҳодир Саломов низ таассуроти зиёд бардоштанд.

Соҳибкори оилавӣ аз маҳаллаи «Валфаҷр» Дилфуза Ҳамидова дар дукони воқеъ дар манзилаш ҳудуди 30 дӯзандаро, ки ба дӯхтани либос барои тӯю маъракаҳо машғуланд ва ҳудуди 30 дӯзандаи дигарро дар деҳоти ҳамсояи Чоробод, Кучкало, Хуҷалар, Кӯпанак дар асоси хонакорӣ бо кор таъмин кард. Сех бо таҷҳизоти «JACK» ва дигар мошинҳои дӯзандагӣ муҷаҳҳаз гардонда шудааст.

Ёвари ҳоким аз маҳаллаи «Анҷирбоғ» Баҳодир Саломов ихтисоси молиячиро дошта, қаблан дар вазифаи муовини идоракунандаи филиали вобкандии ҶС Бонки миллӣ кор мекард. Аз рӯзи ба кор оғоз намуданаш вазъи моддии 2300 нафар, 510 кадбону ва 656 оила, мушкилоти иҷтимоии онҳоро омӯхт. Оиди расондани кӯмак ба 200 нафар бекорон инчунин қариб 80 оилаи камтаъмин чораҳо андешид. Ба ин ҳамкории зич бо субъектҳои соҳибкории вилоят мусоидат намуд.

– Соҳибкори пешқадами мо Ашраф Мирзаев дар деҳаи Оқработ дар пойгоҳи ҶММ «ASHMIR MILK INVEST» сехи коркарди ширро ба кор даровард, – мегӯяд ёвари ҳоким Баҳодир Саломов. – Аъзои панҷ оила бо кор таъмин карда шуданд. Ҳамзамон шири аз 50 оила ҷамъовардашуда таҳти тамғаи «ASHMIR» бастабандӣ карда мешавад. Ғайр аз ин, вақтҳои охир дар сех истеҳсоли творог ва қаймоқ ба роҳ монда шуд, ки боиси афзудани ҳосилнокии меҳнат гардид.

Иштироккунандагони сафари матбуотӣ аз иншооти истеҳсолӣ – фабрикаи либосдӯзии «AZTEX», ки таҳти тамғаи «Amirtex» фаъолият нишон медиҳад, дидан карданд.

– Ҳангоми ташаккули ҷамоаи корхона, интихоби дӯзандаҳои ботаҷриба имконоти занони бекор аз оилаҳои камбизоат махсусан мавриди омӯзиш қарор гирифта шуд, – мегӯяд ёвари ҳоким аз маҳаллаи «Гулистон» Зафар Умуров. – Аз ин шумор зиёда аз 50 нафар дар филиали απομоно... 

Худи ҳамон рӯз кормандони ВАО аз хона-музейи Устои халқии Ӯзбекистон Алишер Нарзуллоев дар маҳаллаи «Абдухолиқ Ғиҷдувонӣ»-и маркази ноҳияи Ғиҷдувон ва коргоҳи кулолгарии ӯ дидан карданд. Онҳо бо фаъолияти сулолаи оилавӣ, ки анъанаҳои қадимаи ҳунари халқиро эҳтиёткорона нигоҳ медоранд, аз наздик шинос шуданд.

Дар ин ҷо писари устоди номдор, намояндаи сулолаи кулолгарон Олимҷон Нарзуллоев ба меҳмонон маълумоти муфассал дод. Бо экспонатҳо, таърихи музей шинос кард. Дар баробари ин дигаргунсозиҳое, ки дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Абдухолиқ Ғиҷдувонӣ» ба амал бароварда мешаванд, корҳо оид ба ободонӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, ки ёвари ҳоким Азизбек Ашӯров амалӣ менамояд, низ аз эътибор дур намонд.

Ҳамаи ин таҷассуми амалии ислоҳот ва ташаббусҳои наҷибонаи Президенти мамлакат мебошад.

**Зариф КОМИЛОВ,**
**мухбири ӮзА.**



*Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Navpromlitmash» соли 2007 ташкил гардида, даставвал ба истеҳсоли маводи сохтмон-бинокорӣ машғул шуда бошад, баъдан дар самтҳои мошинсозӣ ба истеҳсол шурӯъ кард. Дар натиҷа истеҳсоли асбобҳои барқ аз алюмин ва миси аз хориҷ овардашуда ба роҳ гузошта шуд. Дар вақти ҳозира дар корхона истеҳсоли филтрҳои саноатӣ низ ба роҳ монда шуда, маҳсулот ба ҶС «Комбинати маъданӣ кӯҳии Навоӣ», «Навоиазот», «Истгоҳи гармӣ-барқии Навоӣ» дастрас гардонида мешавад.*

***Дар сурат:*** *ҶММ «Navpromlitmash»-и шаҳри Навоӣ.*

***Суратгир: С.АСЛОНОВ (ӮзА).***

## ХАБАРҲО

### ҚАСАМЁД БА ВАТАН

***Дар пойгоҳи таълимии Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ӯзбекистон воқеъ дар ноҳияи Бектемири пойтахт маросими қасамёди 400 нафар шунавандагоне, ки ба таркиби сардорҳои мақомоти умури дохилӣ шомиланд, баргузор гардид.***

Дар чорабинии қасамёд ба Ватан роҳбарият ва устодону профессорони институти номбурда, намояндагони идораҳои ҳифзи ҳуқуқ, падару модарони шунавандагоне, ки тӯли як моҳ ин ҷо малака такмил додаанд, иштирок намуданд.

Баромадкунандагон оиди комёбиҳое ҳарф заданд, ки бинобар татбиқи ислоҳот дар риштаи корҳои дохилӣ ба даст оварда мешаванд.

Таъкид ёфт дар ин даргоҳи таълимӣ кадрҳое, ки дар сохтори корҳои дохилӣ фаъолият бурда, намояндагони ҳамаи вилоятҳои ҷумҳурӣ мебошанд, ба малакаи худ афзуда, аз таркиби сержантҳо ба сафҳои афсарӣ гузаштанашон мумкин. Дар чорабинии навбатӣ ба 60 нафар сержантҳои пешқадам рутбаи лейтенантӣ дода шуд.

Дар қисми ҷамъбастии тантанаи қасамёд ҷамоаҳои ҳарбӣ консерт намоиш доданд.

### ХАТМКАРДАГОН ДИПЛОМ ГИРИФТАНД

***Дар Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд маросими мутантани дипломсупорӣ ба хатмкардагони давраи бакалавриат ва магистратура баргузор гардид.***

Дар қисми кушоиш ректори донишгоҳ таъкид сохт ин гуна рӯзҳо дар ҳаёти ҷавононамон, ки баъди хатми мактаби олӣ соҳиби диплом мешаванд, фаромӯшнопазир хоҳад монд. Мақсади асосии муассисаҳои таълими олӣ, аз ҷумла донишгоҳи мо, дар навбати аввал, омодасозии кадрҳои соҳибмалака мебошад. Дар фаъолиятамон бошад рақамисозӣ ва ҷорӣ сохтани технологияҳои пешқадами хориҷӣ дар ҷараёнҳои таълимӣ нақши муҳим мебозад.

Падару модарони хатмкардагон бинобар офарида шудани қулайиҳо дар фарогирии ҷавонон ба таҳсили олӣ ба ҳукумат, ҳамзамон ба профессорону устодони ДДИТ изҳори сипос намуданд.

Барои маълумот гуфтанием, соли равон 1517 нафар ҷавононамон давраи бакалаврӣ, 560 нафар давраи магистратурии ДДИТ-ро хатм намуданд.

### ОМОДАСОЗИИ ДУХТАРОН БА ҲАЁТИ МУСТАҚИЛОНА

***Арзишҳои милливу маънавиамон аввало дар маҳаллаҳо ташаккул меёбанд. Аз ин хотир барои тарбияи ҷавонон дар рӯҳи садоқат ба арзишҳои миллӣ гузаронидани чорабиниҳои маънавӣ дар маҳаллаҳо ба ҳукми анъана даромадааст.***

Дар маҳаллаи “Янги давр”-и ноҳияи Яшнободи пойтахт таҳти мавзӯи “Арзишҳои инсонӣ – асоси оила ва сутуни ҳаёти ҷамъиятӣ” чорабинӣ рӯи кор омад. Дар он бонувони фаъоли ноҳия, аъзои гурӯҳҳои тарғиботӣ оиди масъалаҳои муҳиме, ки ба тарбияи фарзандон вобастаанд, баромад намуданд. Гуфта шуд дар як қатор маҳаллаҳо корбарии “Кадбону” ва “Бибиҷонҳо” барин клубҳо, ки фаъолаҳои таҷрибаи бойи ҳаётидошта созмон додаанд, хусусан дар омодасозии духтарбачаҳо ба ҳаёти мустақилона нақши муҳим мебозанд.

Дар ноҳияи Яшнобод ҷамъ 66 маҳалла мавҷуд. Ин гуна чорабиниҳо дар ҳар кадоми ин маҳаллаҳо бо навбат гузаронида мешаванд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**

***Муддати се рӯз шаҳри Самарқанди бостонӣ мизбонии анҷумани шашуми байналмилалии Ҷамъияти умумиҷаҳонии “Мероси фарҳангии Ӯзбекистон– асоси Эҳёи нав”-ро бар дӯш дошт. Дар ин анҷуман беш аз 250 муаррих, археолог, осорхонашинос, санъатшинос, коллектор, ки вакилони беш аз 35 кишвари ҷаҳон мебошанд, ширкат карданд.***

# АНҶУМАНИ САМАРҚАНД БО ҚАБУЛИ ДЕКЛАРАТСИЯ ХОТИМА ЁФТ

Дар баргузор намудани анҷуман якҷо бо созмони Ҷамъияти умумиҷаҳонии омӯзиш, ҳифз ва оммавӣ гардонидани мероси фарҳангии Ӯзбекистон ширкати ERIEL аз наздик ҳамкорӣ кард. Раиси ин ҷамъият Фирдавс Абдухолиқов мегӯяд, ки роҳбарони осорхонаву китобхонаҳои маъруфи ҷаҳон ва олимони шинохта аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, инчунин Австрия, Италия, Британияи Кабир, Ҳиндустон, Русия, Исроил, Малайзия, Маҷористон, Озарбойҷон, Муғулистон, Афғонистон, Эрон ва кишварҳои дигар бо ҳузури худ нуфузи ин анҷуманро шукӯҳи тоза бахшиданд.

Дар анҷуман муовини Сарвазир – вазири туризм ва мероси фарҳангии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Азиз Абдуҳакимов аз тариқи онлайн иштирок кард.

Ҳадаф аз баргузории ин анҷумани бонуфуз, пеш аз ҳама, гирдиҳам овардани олимону пажӯҳишгарон, ходимони соҳаҳои китобдориву кормандони осорхонаҳои маъруф мебошад.

Президенти мамлакат ба ин масъала таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд ва анҷумани васеъмиқёсе, ки дар ин шаҳри бостонӣ ба вуқӯъ пайваст, бо ташаббуси Шавкат Мирзиёев роҳандозӣ гардидааст. Вақти он кайҳо расидааст, ки ин мероси ғановатманд мутолиа шаваду ба наслҳои оянда ташреҳ ва тавзеҳ гардад, дар акси ҳол фарзандони оянда аз мавҷудияти чунин хазинаи гаронбаҳо бенасиб хоҳанд монд.

Баъд анҷумани мазкур аз тариқи суҳбати мизи мудаввар ба кори худ идома намуд. Мавзӯъ ва мундариҷаи ҳар як суҳбати «мизи мудаввар» яке аз паҳлӯҳои муҳими мероси фарҳангӣ ва омӯзишу тарвиҷи он ба наслҳои ояндаро дар худ ифода менамуд. Ба таври мисол, яке аз ин суҳбати мизи мудаввар таҳти унвони “Ҷамъияти умумиҷаҳонӣ ва фаъолиятҳои нави илмӣ: нақшаҳо ва истиқбол” баргузор шуд.

Шодимуҳаммад Сӯфизода, доктори улуми филология, директори Китобхонаи марказии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, зимни ироаи афкор иброз намуд, ки 1 ҳазору 500 нусха дастнависҳои нодир дар хазинаи китобхонаҳои мухталифи Тоҷикистон ҳифз гардидаанд. Бештари ин мавод ба осори арбоб ва адиби маъруф Мир Алишери Навоӣ марбут мебошанд.

– Дар ин замина мо ҳамтоёни ӯзбеки худро ба ҳамкории наздик даъват мекунем ва ин осор бояд мавриди омӯзиш ва тарвиҷ қарор дода шавад. Як қисми он ба забони чиғатоӣ китобат шудаву қисмати боқимонда ба забони имрӯзаи ӯзбекӣ таълиф шудааст. Мо медонем, ки дар Тоҷикистону Ӯзбекистон девонҳои зиёд ба ду забон – форсӣ ва ӯзбекӣ таълиф шудаанд. Дар байни ин осори ғановатманд мо мебинем, ки нафасу ҳавои ғазалҳои Хоҷа Ҳофизи лисонулғайб ба шеърияти Хоҷа Аҳмади Яссавӣ таъсири худро гузоштааст ва дар ҷои дигар акси ин ҳолро мушоҳида мекунем, ки хеле ҷолиб ва муҳим ба назар мерасанд, – изҳор намуд Шодимуҳаммад Сӯфизода.

Вай афзуд, ки илму фарҳанг дунёро аз разолату қабоҳат наҷот медиҳад. Барои ҳамин дар ин самт олимону пажӯҳишгаронро лозим меояд, ки ҷиҳати омӯзиш, ҳифз ва оммавигардонии меросҳои ниёконамон беҳтару бештар мутаваҷҷеҳ шаванд.

Дар ҷараёни суҳбати «мизи мудаввар» он нукта қайд карда шуд, ки Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар арафаи сивумин солгарди роҳандозии муносибатҳои дипломатӣ қарор доранд, ки моҳи октябри соли равон таҷлил хоҳад шуд. Ба ин муносибат роҳбарони ду давлати ҳамҷавор ва дӯсту бародар – Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон моҳи июни соли равон ба Декларатсия дар бораи дӯстии абадӣ имзо гузоштанд. Ин олимон ва тамоми кормандони соҳаи фарҳангро водор менамояд, ки дар ин самт низ ҳиссаи беназири худро гузоранд.

Ба таъкиди иштирокчиёни ин анҷуман фарҳанги дастнависӣ низ барои мардуми ду кишвар мояи ифтихор мебошад. Китобхонаҳо ва осорхонаҳое, ки дар шаҳрҳои мухталифи кишварҳои Осиёи Марказӣ воқеъ гаштаанд, хазинаи бебаҳотарин ва гаронмоятарин маҳсуб ёфта, таваҷҷуҳи оламиёнро ба худ ҷалб намудаанд.

Дар бораи осори гаронбаҳое, ки дар ҷойҳои мухталиф маҳфузанд, олимони зиёд фикру ақидаҳои худро радду бадал карданд. Ба гуфтаи онҳо як қатор маводи китобхонаҳову осорхонаҳоро, ки ба давраҳои қадим марбутанд, метавон намунаи беҳтарини мӯъҷизаи фарҳангӣ арзёбӣ кард. Яке аз чунин мӯъҷизаҳое, ки ба давраи Афросиёб рост меояд, ҷомаи пеш аз соли 1311 дӯхташуда буда, ба давраи суғдиён тааллуқ доштааст. Гуфта мешавад, матоъ ва рангубори ба чашм пурра намоёну дидашаванда, ки ҳангоми истеҳсоли он истифода шудааст, хусусиятҳои хоси худро доро мебошад.

Дарвоқеъ, дар чаҳорчӯби ин конгресс ба масъалаи саёҳат ба ҷойҳои таърихии шаҳри Самарқанд, тамошои ёдгориҳои меъмории он низ вақт ҷудо карда шуд.

Аз ҳамсуҳбатони мо ҳарфҳои иштирокчии конгресси шашуми Ҷамъияти умумиҷаҳонии мероси фарҳангии Ӯзбекистон Алберто Леви қобили таваҷҷуҳ мебошад. Ба гуфтаи ӯ ниёкони вай аз яҳудиёни муқими шаҳри Машҳади муқаддас мебошанд. Дар замонҳои гузашта аз Осиёи Марказӣ боздид кардаанд, ба шаҳрҳои Самарқанду Бухоро сафар намудаанд.

– Дар авохири асри нуздаҳум ба Италия кӯч бастаанд, бобову момоҳои ман ва бо ҳамин Эронро ба куллӣ тарк кардаанд. Ҳамеша мехостам, ки як бор Эронро бо чашмони худ бубинам. Аммо ҳанӯз ин кор бароям муяссар нашудааст, аммо ба масъалаи мероси фарҳанги ниёкон таваҷҷуҳам хеле зиёд аст. Ба Ӯзбекистони шумо ва ин шаҳри зебои Самарқанд бори нахуст ташриф овардам,– мегӯяд Алберто Леви. – Маро табиати ин сарзамин, муомилаи хуши одамон, мероси рангини фарҳангии онҳо ба ҳайрат овардааст.

Манзараи дигаре, ки дар чаҳорчӯби ин коргресс мавриди таваҷҷуҳи иштирокчиёни он қарор гирифт, ҳузури рассомони хориҷӣ мебошад, ки мероси фарҳангии Самарқанди бостониро тавассути мӯйқалам ва рангҳои ҷозибадор ба тасвир кашидаанд. Ин манзара бевосита дар пеширӯи биноҳои гуногун ва иншооте сурат гирифт, ки аз қадим то ҳол ба мерос мондаанд.

– Ҳоло дар ин шаҳр ҳудуди 30 нафар рассомон аз кишварҳои мухталифи узви СҲШ ташриф овардаанд ва ба корҳои худ машғуланд. Дар байни онҳо рассомон аз Тоҷикистон, Қазоқистон, Муғулистон, Эрон ва соири кишварҳои дигар хазинаи осорхонаҳои Самарқанд ва шаҳрҳои дигари Ӯзбекистонро ғанӣ хоҳанд сохт, – мегӯяд директори Осорхонаи давлатии санъати Ӯзбекистон Васила Файзиева.

Тавре ки вай афзуд, аксари корҳое, ки дар ин шаҳр ба анҷом мерасанд, ба ифтихори нишасти навбатии сарони давлатҳои аъзои СҲШ сурат мегиранд, ки 15-16 сентябри соли равон ба вуқӯъ мепайвандад.

Дар маросими хотимавии Конгресси шашуми байналмиллалии Ҷамъияти умумиҷаҳонии “Мероси фарҳангии Ӯзбекистон – асоси эҳёи нав” як қатор пешоҳангони кори китобхонаҳо, осорхонаҳо, инчунин аъзоёни фаъоли ин ҷамъият, ки дар татбиқи лоиҳаи он сахми бузурги худро гузоштаанд, бо ташаккурномаҳову туҳфаҳои хотиравӣ сазовор гардиданд. Дар ниҳояти ин маросим иштирокчиёни конгресс Декларатсияи Самарқандро қабул карданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

*ТОШКАНД – САМАРҚАНД – ТОШКАНД.*

# РАФТИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ УМУМИМИЛЛИИ «МАКОНИ САБЗ» БА ИШТИРОКЧИЁНИ МУБОҲИСАҲОИ МАВЗӮИИ САТҲИ БАЛАНДИ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СММ ПЕШНИҲОД КАРДА ШУД

***Ба қарибӣ дар қароргоҳи СММ дар Ню-Йорк мубоҳисаи мавзӯии сатҳи баланди Ассамблеяи Генералӣ бо номи “Лаҳзаи табиат” баргузор шуд.***

Дар чорабинӣ раиси Ассамблеяи Генералии СММ Абдуллоҳ Шаҳид, Котиби генералии СММ Антониу Гутерриш, муовини якуми Котиби генералии СММ Амина Муҳаммад, директори иҷроияи ЮНЕП Ингер Андерсен, дигар намояндагони воломақоми сохторҳои махсуси СММ, ҳайатҳои кишварҳои узв, фаъолони ташкилотҳои ҷавонон ва ҷамъиятӣ нутқ эрод карданд.

Дар мубоҳиса ширкаткунандагон дар бораи роҳҳои муассири муқовимат бо таҳдидҳои ба ҳам алоқаманди тағйирёбии иқлим, аз байн рафтани гуногунии биологӣ, таназзули замин, ифлосшавии ҳаво, истеъмоли ғайриоқилона ва истеҳсолот табодули афкор карданд.

Котиби генералӣ Антониу Гутерриш дар паёми видеоии худ ба ширкаткунандагон гуфт, ки вазъи муҳити зист босуръат бад мешавад, як миллион намуди наботот ва ҳайвонот дар арафаи нестшавӣ қарор доранд. Вай сабаби асосии ин талафотро ба низоми ҷаҳонии ғизо ишора кард. «Аз чор се ҳиссаи сатҳи Замин ва аз се ду ҳиссаи уқёнус дар зери таъсири манфии фаъолияти инсон қарор дорад. Таназзули замин ба вазъи 3,2 миллиард аҳолии сайёра таъсир мерасонад”, – афзуд Котиби генералии СММ. Ба фикри ӯ, муносибатро нисбат ба табиат тағйир дода, аз ваъдаҳои хушку холӣ даст кашидан лозим аст.

Намояндаи доимии Ӯзбекистон дар назди СММ, сафир Бахтиёр Ибрагимов дар бораи корҳои васеъмиқёсе, ки дар Ӯзбекистон оид ба таъмини беҳбудии экологӣ, нигоҳ доштани гуногунии биологӣ ва мубориза бо тағйир ёфтани иқлим татбиқ мегарданд, маълумоти муфассал дод.

Қоидаҳои асосии Консепсияи ҳифзи муҳити зист дар давраи то соли 2030 шарҳ дода шудаанд. Саъю кӯшиши Ӯзбекистон оид ба татбиқи амалии ташаббус оиди ташкил кардани минтақаҳои инноватсияи экологӣ ва технологӣ дар минтақаи Наздиарал, ки он моҳи майи соли 2021 бо қатъномаи махсуси Ассамблеяи генералии СММ дастгирӣ шудааст, таъкид гардид.

Дар бораи татбиқи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» оид ба шинонидани 1 миллиард дарахт дар тӯли панҷ сол бо зиёд гардондани фазои сабзи шаҳрҳо аз 8 фоиз то 30 фоиз хабар дода шуд. Таъкид гардид, ки ин барномаи калон ба беҳтар шудани сифати ҳаво ва замин мусоидат карда, дар иҷрои ӯҳдадориҳои аз рӯи созишномаи Париж қабулкардаи мамлакати мо саҳми арзанда мегузорад. Қайд карда шуд, ки аз моҳи августи соли 2021 дар доираи лоиҳаи «Макони сабз» дар саросари ҷумҳурӣ тақрибан 213 миллион дона дарахту бутта шинонда шудааст.

Дар фарҷом сафир азми Ӯзбекистонро ба пешбурди минбаъдаи равиши ҳамаҷониба ва пайваста барои рафъи оқибатҳои бӯҳрони иқлимӣ ва амиқтар кардани ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ ва СММ дар ҳалли мушкилоти экологии Ҳадафҳои рушди устувор бори дигар тасдиқ кард.

**АИ «Дунё»**

*НЮ-ЙОРК.*

*30 июл – Рӯзи дӯстии халқҳо*

# ДАРАХТИ ДӮСТӢ БИНШОН...



Дӯстӣ иқтидори бузургест, ки одамонро бо ҳам муттаҳид намуда, онҳоро ба орзую умед ва мақсадҳои наҷибашон мерасонад. Ин дунёи пурғавғо барои дӯстию бародариҳо васеъ асту барои душманиҳо танг. Дар маъвои умумиамон – Ӯзбекистони биҳиштосо ҳоло намояндагони беш аз 130 қавму ҳалқият чун фарзандони як оила умр ба сар мебаранд. Панҷ-шаш соли охир бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Президент Шавкат Мирзиёев ба мустаҳкамшавии дӯстии халқҳо эътибор афзуд. Баҳри ислоҳи камбудӣ ва норасоиҳои ин ҷабҳа чораю тадбирҳои зарурӣ дида мешаванд. Маълум аст, ки мувофиқи резолютсияи Ассамблеяи Генералии СММ аз соли 2011 бо мақсади қавитар гардондани робитаи байни мамлакатҳо, пойдории сулҳу амният ва рушди дӯстии халқҳо 30 июл дар миқёси ҷаҳон Рӯзи дӯстии халқҳо эълон гардида буд. Дар мамлакати мо низ бо қарори парлумон қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи муайян кардани Рӯзи дӯстии халқҳо» қабул гардида, мувофиқи он ҳар сол 30 июл ҳамчун Рӯзи дӯстии халқҳо таҷлил меёбад. Инчунин барои ҳавасманд гардондани шаҳрвандони муносиб нишони сарисинагии «Дӯстии халқҳо» низ таъсис ёфтааст. Якдилию ҳаммаслакӣ, кору эҷоди устуворона дар роҳи мақсади ягона – ободу фаровон, озоду мутараққӣ гардондани мамлакат ва бунёди ҳаёти хушбахтона имконият медиҳад, ки Ӯзбекистони соҳибистиқлол дар муддати кӯтоҳи таърихӣ дар арсаи байналмилалӣ ба обрӯю эътибор ва мавқеи назаррас соҳиб шавад. Ҳоло дар мактабҳои мамлакатамон ҷараёни таълиму тарбия ба ҳафт забон сурат мегирад. Аз ҷумла, дар вилояти мо низ таълиму тарбия дар мактабҳои миёна ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ (21-то мактаб), қазоқӣ (11-то) ва тоҷикӣ (1-то синфи X дар мактаби рақами 8-и ноҳияи Пешкӯ) фаъолият дорад. Дар ДДБ гурӯҳи тоҷикии забон ва адабиёти тоҷик (курси IV) мавҷуд аст. Имсол дар ин ҷо боз як гурӯҳи тоҷикӣ ташкил хоҳад гардид.

Ширкати телевизион ва радиои вилоят барномаҳои худро ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва тоҷикӣ идома медиҳад.

Дар нашриёти «Бухоро» китобҳои эҷодкорони маҳаллӣ ба забонҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ интишор меёбанд.

Яке аз марказҳои тамаддун Бухоро дар давоми ҳазорсолаҳо барои қавму миллатҳои гуногун сарзамини ягона ва ватани азиз буд ва ҳаст. Масъалаи дӯстии халқҳо, якдигарфаҳмию якдилӣ, таҳаммули байнидинӣ дар ин ҷо решаҳои амиқи таърихӣ дорад.

Мо ифтихор дорем, ки аввалин шеърро дар бораи дӯстӣ поягузори адабиёти классикии тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар асри X дар Бухоро гуфтааст:

*Ҳеч шодӣ нест андар*
*ин ҷаҳон,*
*Бартар аз дидори*
*рӯи дӯстон...*

Имрӯз низ дар вилоят қавму миллатҳои гуногун, ки Қомуси бахтамон – Конститутсияи Ӯзбекистон ба баробарҳуқуқию озодӣ ва ҳифзи манфиатҳои онҳо кафолат додааст, аҳлу тифоқона умр ба сар мебаранд.

Ҳоло дар вилоят ёздаҳ маркази миллию маданӣ: тоҷику форс, рус, тотору бошқирд, қазоқ, корейс, поляк, туркман, озар, турк, яҳудӣ, немис баҳри пойдории анъанаҳои неки дӯстию рафоқат, садоқат ба арзишҳои миллию умумиинсонӣ, тарғиби ҳаммаслакию ҳамҷиҳатӣ, фазилатҳои одамгарию меҳру оқибат, пос доштани расму оинҳои аҷдодӣ кӯмак мерасонанд.

Дар Бухоро созмон ёфтани шуъбаи вилоятии Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои нодавлатию нотиҷоратии Ӯзбекистон ва «Хонаи дӯстӣ» аз ҷумлаи ислоҳотест, ки бо ташаббуси сарвари давлат ба амал меоянд. Биное, ки баъди харҷи 750 миллион сӯм маблағ табъи дил таъмир ёфта, муҷаҳҳаз гардид, ба ихтиёри онҳо дода шуд. Ба ташкил ёфтани шуъбаи вилоятии Маркази миллию маданӣ корейсҳо бештар аз 30 сол вақт гузаштааст. Ин марказ бо мақсади шиносонидани маданияти миллӣ, забон ва анъанаҳои куриёҳо, афзун гардондани фаъолнокии шаҳрвандон бобати иштироки онҳо дар корҳои давлатию ҷамъиятӣ ва мустаҳкамсозии дӯстию ҳамҷиҳатии байни халқҳо созмон ёфтааст.

Имрӯз дар вилоят 1832 нафар намояндагони миллати корейс истиқомат мекунанд. Онҳо дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти вилоят фаъолона иштирок намуда, ба тараққиёти мамлакат саҳми арзанда мегузоранд. Дар вилоят барои инкишофёбии фарҳанг, анъана ва расму оинҳои онҳо имкониятҳои қулай фароҳам оварда шудааст.

– Мо низ чун дигар халқҳои кишвар тақдири худро ба ҳамин Ватани муқаддас пайваста, бахту иқбол ва ояндаи худро бо ояндаи вай муштарак мебинем. Дар давраи роҳбарии Президент Ш. Мирзиёев дигаргуниҳои азим рух медиҳанд. Комёбиҳо моро хеле рӯҳбаланд месозанд. Ба сарвари давлат вақт, имконият додан лозим, ки вай нақшаҳои оғозкардаашро ба охир расонад,– гуфт раиси бахши вилоятии Маркази миллию мадании корейсҳо Родион Ли ҳангоми суҳбат бо мо. – Мо низ ҳамчун шаҳрванди ҳамин диёр сарфарозем, ки бо ҳамроҳии ҳамқавмҳоямон баҳри рушди Ӯзбекистон саҳм мегузорем, – илова намуд вай.

Ба муаллифи ин сатрҳо борҳо лозим омадааст, ки дар бисёр тадбиру чорабиниҳои дӯстии ин ҷо иштирок намуда, арзи дили роҳбарони марказҳои миллию маданиро бобати рӯзгори ободу осоишта ва хушбахтонаи қавмҳои маскуни вилоят чун рамзи шукрона шунавам. Азбаски ин гуфтаҳо моҳиятан ба ҳам хеле наздиканд, мо ин ҷо аз овардани андешаҳои ҳар яки онҳо худдорӣ намудем.

Таъкид кардан лозим аст, ки роҳбари давлат, аз рӯзҳои аввали фаъолияташ сиёсати басо оқилонаро пеш гирифта, дар навбати аввал бо мамлакатҳои ҳамсоя муносибатҳои дӯстонаро ба роҳ монд. Хусусан эҳёи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек, кушодашавии сарҳадҳо ва рафтуои халқҳоямон воқеаи муҳими таърихӣ гардид. Имрӯз, дар қатори меҳмонони дуру наздик, сайёҳони гӯшаву канори олам, дӯстони тоҷикистонӣ низ ба сарзамини мо ташриф меоранд. Бо ташаббуси роҳбари Маркази миллию мадании тоҷику форси вилояти Бухоро – «Офтоби суғдиён» Рауф Авезов солҳои охир вохӯрии аъзоёни марказ бо Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода, ҷамоаи рӯзномаи «Ҷумҳурият»-и Тоҷикистон ва ғайра ба амал омад, ки ин дар ҳаёти марказ воқеаи таърихӣ аст. Вақте ки ин қабил вохӯрию мулоқотҳо самимию дӯстона ва беғубор мегузаранд, дилҳоро ба ҷӯш меоранд. Зеро «лисонул-ғайб» Ҳофизи Шерозӣ беҳуда нагуфтааст:

*Дарахти дӯстӣ биншон,*
*ки коми дил ба бор орад,*
*Ниҳоли душманӣ баркан,*
*ки ранҷи бешумор орад.*

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**

*Равзанаи нигоҳ*

# МО ТОҶИКЕМ, АММО ЗАБОНАМОН ФОРСӢ БУДУ ҲАСТ

Инҷониб дар он андешаам, ки тоҷикон бо порсигӯёни дунё — тоҷикони Афғонистон, эрониён, қисмате аз покистониёну ҳиндустониён адабиёти муштарак доранд. Ва ин адабиёт бо як забон офарида шудааст, ки тӯли беш аз ҳазор сол онро порсӣ ё форсӣ номидаанд, на тоҷикӣ. Гоҳо ин забонро дарӣ низ номидаанд, ки ба фикрам, форсии дарборӣ аст. Дарӣ, яъне забоне, ки ибтидо дар дарбори шоҳону амирон ба сифати забони расмӣ ба кор бурда мешуд. Форсии дарӣ (дарборӣ), мисле ки имрӯз забони меъёр (адабӣ) аз забони гуфтугӯии омма фарқ мекунад, аз форсии мардуми қаторӣ фарқ дошт. Инак, чанд мисол доир ба корбурди вожаҳои «порсӣ», «форсӣ» ва «дарӣ» ба сифати забон дар осори пешинагон:

*Дид маро гирифта лаб оташи*
*порсӣ зи таб,*
*Нутқи ман оби тозиён бурда*
*ба нуктаи дарӣ.*
**(ҲОҚОНӢ)**

***

*Дариву тозиву туркӣ бигӯяд,*
*Ба алфозе, ки занг аз дил бишӯяд.*
**(Фахриддини ГУРГОНӢ)**

***

*Зи шеъри дилкаши Ҳофиз касе*
*бувад огоҳ,*
*Ки лутфи табъу сухан гуфтани*
*дарӣ донад.*
**(ҲОФИЗ)**

***

*Басе ранҷ бурдам дар ин соли сӣ,*
*Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.*
**(ФИРДАВСӢ)**

***

*Туркони порсигӯ бахшандагони*
*умранд,*
*Соқӣ, бидеҳ башорат риндони*
*порсоро.*
**(ҲОФИЗ)**

***

*«... Ва бад-ин вилоят омад ва номи ӯ*
*Шопур буд ва «пур» ба забони форсӣ*
*писар бошад».*
**(«Таърихи Наршахӣ»)**

Классикони адабиёти форс-тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав, Саноӣ, Ҷалолуддин Балхии Румӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Убайди Зоконӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Калими Кошонӣ, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва даҳҳо тани дигар, ки ба тамоми форсигӯёни дунё мутааллиқанд, забони осорашонро форсӣ номидаанд, таълифоташон низ бо хати форсӣ сурат гирифтааст. Чаро хат ва алифбои форсӣ, на алифбои арабиасоси форсӣ? Зеро дар ташаккул ва такомули ин хат аҷдоди мо низ ширкат ҷустаанд: зеру забарашро гузоштаанд, ҳарфҳои худро ворид кардаанд...

Дар ибтидои садаи XX, баъди табаддулоти сиёсии болшевикон ва «табартақсим»-и сарҳадҳо кор ранги дигар гирифт. Номи забони тоҷикон ва алифбояшон метавон гуфт, ки ғайриихтиёри онҳо, дигар карда шуд. Қавми тамаддунофаре, ки беш аз ҳазор сол хату алифбои худро дошт, аввал алифбои лотинӣ, сипас кирилиро қабул кард. На танҳо номи забони тоҷикон, балки номи забони бародарони ҳамдину ҳамҷавори онҳо: қазоқон, ӯзбекон, туркману қирғизҳо низ бо иртибот ба номи қавмашон тағйир дода шуд. Дар сарчашмаҳои таърихии то табаддулоти давлатии ибтидои садаи XX, мисле ки кас ба ибораи «забони тоҷикӣ» рӯ ба рӯ намеояд, ба ибораҳои «забони қазоқӣ», «забони ӯзбекӣ», «забони туркманӣ» ё «забони қирғизӣ» низ дучор намешавад.

Баъзеҳо бар онанд, ки дар сари ин корҳо устод Садриддин Айнӣ қарор дошт. Фикр мекунам, ки дар ин ҷараёни бунёдсӯз майлу иродаи аллома Айнӣ нақше надошт. Яъне, бо дархости боло бе иштироки устод Айнӣ ҳам, номи забон ва хати тоҷикон дигар карда мешуд. Агар кор бино ба майлу иродаи ин ҷоннисори қавм (миллат), ки то охири умр осори хешро бо хати форсӣ навиштааст, сурат мегирифт, ҳаргиз ӯ ба дигар шудани номи забон ва алифбои тоҷик розӣ намешуд ва ҷараёни содакунии забон низ оғоз намеёфт. Як пеши назар оред: сатҳи забондонии кӯдак аз сатҳи забондонии модар дар зинаи поён қарор дорад. Модар ба кӯдаки хеш як ҳарфу ду ҳарф омӯхта ӯро, бо мурури вақт, то ба сатҳи забондонии худ боло мебарад. Вале худро ҳеч гоҳ то ба сатҳи кӯдак поён намебарад. Забони муқтадири форсӣ забони меъёри модарии мост. Мо — кӯдакон бояд як ҳарфу ду ҳарф омӯхта худро то ба сатҳи ӯ боло барем.

Таҷрибаи давлатдории шӯравӣ собит намуд, ки болшевикон дар тӯли кору фаъолияти хеш дар мавриди буридани дарахте дастаи табарро аз худи ҳамон дарахт гирифтаанд, яъне аз чеҳраҳои фарҳангӣ ва тӯдакашони ин ё он қавм, барои расидан ба аҳдофи худ, сӯиистифода кардаанд. Вагарна чаро дар он солҳои муҳлик баҳсу мунозираи забони тоҷик нахуст на дар матбуоти тоҷик, балки дар матбуоти русӣ сурат гирифтааст?

Дар ин хусус устод Айнӣ дар мақолаи хеш «Забони тоҷикӣ» чунин изҳори ақида кардааст: «Имрӯзҳо дар бораи чӣ будани забони тоҷикӣ мунозира ва гуфтугузор меравад. Азбаски бештарини ин мунозираҳо дар матбуоти русӣ гузориш ёфта истодааст, мо нависандагони тоҷик, ки забони худро базӯр медонем, — чӣ ҷойи забони русӣ, — аз рӯҳи ин мунозираҳо ва аз чӣ будани фикри ҳар кадом мунозиракунандагон бехабарем. Бинобар ин, ҳар чизе, ки ман дар ин бобат дар ин мақола менависам, танҳо иборат аз баён кардани фикри худам буда, нисбат ба фикри рафиқоне, ки дар матбуоти русӣ қаламронӣ кардаанд ва мекунанд, чӣ будани назарамонро то фаҳмидани муддаои онҳо мавқуф мемонам». (Садриддин Айнӣ «Ахгари инқилоб», саҳ. 105).

Дар бисёр сарчашмаҳои таърихӣ (дар ин ҷо, ба хотири ба дарозо накашидани навишта аз овардани мисолҳо худдорӣ менамоем) вожаи тоҷик ба сифати қавм (миллат) мавриди истифода қарор гирифтааст. Вале забони тоҷикро, то табаддулоти сиёсии болшевикон — ибтидои садаи XX форсӣ номидаанд, на тоҷикӣ. Шарқшиносони дунё низ забони моро форсӣ қаламдод кардаанд. Мусташриқи маҷорӣ (венгер) Ҳерман Вамберӣ, ки чанде дар Эрон ва Осиёи Марказӣ доир ба забон тадқиқот анҷом додааст, дар таълифоти хеш — «Таърихи Бухоро ё худ Мовароуннаҳр», аз ҷумла, овардааст: «Лаҳҷаи форсии Осиёи Миёна, ки бо вай тоҷикон ҳарф мезананд, то имрӯз аз ҷониби донишмандони забони форсӣ мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст.

(Давомаш дар саҳ.4). ⇨

# ХОНАИ ОХИРАТАШ ОБОД БОД



Ӯ 25 сентябри соли 1925 дар деҳаи Чармгарони музофоти Конибодом дида ба дунё кушод. Дар овони кӯдакӣ барвақт ятим монд. Бачагияш бо азобу маҳрумиятҳо гузашт. Баъди ба камол расидан, соҳаи ҳарбиро интихоб намуд. Солҳои дароз дар сафи қӯшунҳои сарҳадӣ муовини қумондон буд. Дар байни ҳарбиён гапе ҳаст, ки мегӯянд: «Сарбозе, ки генерал шуданро орзу намекунад, сарбози ҳақиқӣ нест». Ҷавони конибодомӣ дар ҳама ҳолату вазъият амри Ватанро ба ҷо оварда, то ба дараҷаи генералӣ расид...

Ин ҷо сухан дар бораи зиндаёд — генерал Абдуллоҷон Ортиқбоев меравад. Бо ин ном хидматгузорони соҳа ва фаъолони марказҳои маданияти тоҷикон ошноянд. Ҳамеша, вақте сухан дар бораи вай мерафт, фаъолони марказ ӯро «генерал» мегуфтанд. Вақте дар маҷлису чорабиниҳо бо либосу кулоҳи афсарӣ пайдо мешуд, аъзои марказ нафаси сабук мекашид ва фахр ҳам мекард, ки генерале барои ҳаллу фасли мушкилоти тоҷикон камари ҳиммат бастааст.

Бояд гуфт, ки ин инсони равшанзамир ва фарҳангӣ дар ташкил ва таъсиси Маркази маданияти тоҷикони Тошканд «Ориёно» саҳми назаррас гузоштааст. Ҳофизаи қавӣ дошт, маҳфилоро буд. Аз шоирони классики форс-тоҷик ва ӯзбек абёти зиёдеро азёд медонист...

Доир ба зиндагии ибратпазири ӯ рӯзномаи «Овози тоҷик» маводи зиёде ба дасти чоп додааст. Ҳар боре, ки ба идораи рӯзнома меомад, суҳбаташ тӯл мекашид, оиди сермазмун гардидани нашрия пешниҳодҳояшро ба миён мегузошт, дар ғами зиёд шудани муштариёнаш буд, зеро замоне узви ҳайати таҳрири рӯзнома буд.

Дареғ, ин инсони фидоӣ ва равшанзамирро марг дар 97-солагӣ аз байни мо даррабуд. Хидматҳои ӯро халқу Ватан ва фарҳангиёни кишвар ҳеч гоҳ фаромӯш намекунанд. Марҳум дар ҳавои оҳанги оркестри ҳарбӣ дар қабристони «Манор»-и шаҳри Тошканд дафн карда шуд. Ба қавли Хоҷа Ҳофиз:

*Зиндаву ҷовид монд*
*ҳар кӣ накуном*
*зист,*
*К-аз ақибаш зикри*
*хайр зинда кунад*
*номро.*

Равонаш шод, хонаи охираташ обод бод!

**Аҳли қалами**
**«Овози тоҷик».**

***Дар ҷумҳурӣ бори аввал низоми суғуртаи давлатии тиббӣ ба сифати озмоиш ҷорӣ карда шуд. Дар вилояти Сирдарё хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ бино ба тартиби муқарраршуда ба роҳ монда шуд.***

## *Суғуртаи давлатии тиббӣ:* АМАЛИЯ ВА САМАРАНОКӢ

Корҳои марбут ба низоми суғуртаи давлатии тиббӣ муҳокима карда шуд. Вақтҳои охир бобати боз ҳам баланд бардоштани сифати хидмати тиббӣ ба аҳолӣ, на ба низоми тиббӣ наздик кардани аҳолӣ, балки низоми тиббиро ба аҳолӣ наздик кардан корҳои васеъмиқёс ба амал бароварда мешавад. Бо ин мақсад дар кишварамон усули нави хидматрасонии тиббии намунавӣ, ки дар бисёре аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон татбиқ шудааст, бобати дар кишвар низ ҷорӣ кардани корҳои марбут ба низоми суғуртаи давлатии тиббӣ ба аҳолӣ дар доираи пакетҳои намунавӣ ва кафолатнок хидмат расондан шурӯъ шуданд.

Дар семинаре, ки дар Сирдарё бо ташаббуси Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, Вазорати тандурустӣ, фонди суғуртаи давлатии тиббӣ доир ба мавзӯи «Модели нави хидматрасонии тиббӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои суғуртаи давлатии тиббӣ» баргузор шуд, бисёр масъалаҳои низоми суғуртаи давлатии тиббӣ муҳокима гардид.

Иштирокдорон дар поликлиникаи оилавии рақами 4-уми тобеи идораи тандурустии вилояти Сирдарё, ки дар иттиҳодияи тиббии шаҳри Гулистон воқеъ аст, бо намудҳои хидмати тиббӣ, ки дар асоси механизми нав, ба амал бароварда мешавад, аз наздик ошно шуданд.

Дар маҷлиси васеъ, ки дар хонаи қабули ҳокимияти вилояти Сирдарё баргузор шуд, аз рӯи масъалаҳои механизми ҷорӣ намудани суғуртаи давлатии тиббӣ мубодилаи афкор сурат гирифт.

**Шухрат СУЯРОВ,**
**мухбири ЎзА.**

# БА МАКТАБ ОБ ОМАД

***Мегӯянд, ки об аз тилло қимматтар аст. Нуктаест баҳснопазир. Бе тилло ҳаёт давом мекунад, ободиву фаровонӣ ҳам мешавад. Обу ҳаёт гуфтаанд. Бе об ҳама чиз ҳеч аст, танҳо хоку санг мемонаду халос...***

Имрӯз дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон оби ошомиданӣ намерасад. Ин ҳолат дар баъзе манотиқи кишвари мо низ ба мушоҳида мерасад. Ин гуна вазъият дар деҳаи Сойихурди ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ низ ба мушоҳида мерасид. Мардум аз чоҳҳои дастков, ки 7-12 метр чуқурӣ доранд, истифода мебаранд. Вазъияти мактаби рақами 30-юми деҳа бисёр ногувор буд. Ин ҷо ҳар рӯзи корӣ беш аз 100 нафар толибилм ва наздики 40 нафар омӯзгору хидматчиён ҷамъ меоянд.

Бо даву този директори мактаб Тангир Раҳмонов ва маъмурияти мактаб аз ҷониби фирмае чоҳи артизанӣ ковонда шуд. Чун лӯла нагузоштанд, чоҳ дер напоид, фурӯ рафт. Вазъият ногувор буд.

Собиқ хатмкардагони мактаб, ки дар муассисаҳои давлатӣ фаъолият доранд, ташаббусро ба даст гирифтанд. Дар ин ҷараён Шавкат Ғаффоров саҳми беандоза гузошт. Бо ташаббуси ӯ як бригадаи чоҳканҳо аз комбинати кӯҳии Навоӣ бо техникаи замонавӣ ба деҳа омада, бе танаффус дар ду баст 15 шабонарӯз чоҳ кофтанд. Кам не, зиёд не чоҳи артизании 121 метра кофта, лӯлаҳо гузошта шуд. Ҳоло оби тозаи нӯшокии чоҳ на танҳо мактабро таъмин мекунад, балки бошандагони деҳа низ аз он истифода мебаранд.

Бояд таъкид дошт, ба гурӯҳи чоҳканҳо хатмкардаи собиқи мактаби 43-юми деҳаи ҳамсоя Маҷид Ғафуров роҳбарӣ мекард. Ин ҷавони кордон дар оилаи омӯзгори физикаву математика Салим Ғафуров ба дунё омада, пас аз хатми мактаби миёна ва муассисаи таълими олӣ дар вазифаҳои пурмасъули комбинат фаъолият дорад.



**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**ҷамоатии**
**“Овози тоҷик”.**
*Вилояти Навоӣ.*

***Бо мақсади омӯхтани мушкилоти ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли он, инчунин ошноӣ ба тарзи зиндагонии аҳолӣ бо ташаббуси ҳокими ноҳияи Сариосиё, раҳбари сектори якум Абдусалом Хӯҷақулов дар кӯҳистони Зархонаи маҳаллаи “Себзор”-и ноҳия “қабули сайёр” баргузор гардид.***

# «ҚАБУЛИ САЙЁР» ДАР КУҲИСТОНИ ЗАРХОНА

Нахуст раҳбарони корхонаву ташкилот дар ҷойҳо бо аҳолӣ вохӯрда бо муаммоҳояшон аз наздик шинос гардиданд. Баъди он дар бинои мактаби таълими умумии рақами 13 муаммоҳои ҷойдошта аз забони мардум шунида шуд.

Бояд гуфт, ки дар қабули мазкур оиди муаммоҳои ҷойдошта аз қабили тармими роҳҳои дохилӣ, антеннаи алоқа, ба истифода додани бунгоҳи тиббӣ дар деҳа муроҷиатҳои аҳолӣ ба миён гузошта шуд. Баъзе муроҷиатҳо дар худи ҳамон ҷо ҳал гардида бошад, иҷрои баъзе муроҷиатҳо ба масъулони соҳаҳои дахлдор вогузор гардида, таҳти назорат гирифта шуд. Ҳамчунон ба баъзе аз муроҷиатҳо маслиҳатҳои ҳуқуқӣ доданд.

Дар фарҷоми ин «қабули сайёр» ҳокими ноҳия оиди ҷараёни муҳими сиёсӣ, яъне «Ба Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ворид сохтани дигаргуниҳо ва иловаҳо» оиди лоиҳаи қонуни мазкур маълумот дод. Бар замми ин, ҳоким афзуд, ки ҳар ислоҳоте, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ ба амал татбиқ мегардад, албатта, ба бузургдошти инсон нигаронда шудааст.

**Солеҳ МУҲАММАДҶОН,**
*ноҳияи Сариосиёи*
*вилояти Сурхондарё.*

# МО ТОҶИКЕМ, АММО ЗАБОНАМОН ФОРСӢ БУДУ ҲАСТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Дар ин лаҳҷа, аз ҷиҳати луғат ва ҷиҳати эъроб (дуруст талаффуз кардану навиштан) бисёр хосиятҳо ҳастанд, ки услуби Фирдавсиро ба ёд меоранд, дар ин лаҳҷа замирҳо (ҷонишин) ва феълҳо назар ба лаҳҷаи ҳозираи Эрон ба таъсири забони бегона камтар дода шудааст...». (Мусташриқ ба Эрон ва Осиёи Марказӣ соли 1823 сафар карда буд).

Дар ин ҷо бояд сари як масъала таваққуф намоем. Дерест, ки нохайрхоҳони тоҷик як ақидаи бепояву бемояро нисбати тоҷикон дар марзи зеҳнҳо мекоранд. Бино ба фикри онҳо, гӯё дар Осиёи Марказӣ қавме бо номи тоҷик вуҷуд надорад. Ва онҳое, ки худро тоҷик меҳисобанд, дар асл туркҳоеанд, ки ба таъсири мадрасаҳо забони худро гум кардаанд. Ё тоҷик арабзодаест, ки дар Аҷам бузург шудааст...

Ба ин фикрҳои ботил шояд онҳое, ки таърихи халқи худро намедонанд, бовар кунанд.

Яке аз сиёсатмадорони садаи XX немис гуфта будааст: «Агар халқро аз таърихаш маҳрум гардонӣ, аввал ба издиҳом, сипас, рафта-рафта ба подае табдил меёбад, ки ба осонӣ метавон идора кард». Тоҷикони Осиёи Марказӣ бояд имрӯз ба ин суол ҷавоб гӯянд, ки оё таърихи худро медонанд?

Фикр мекунам, дастандаркорони он рӯзгор дар масъалаи содакунии забони форсии Мовароуннаҳр хеле зиёдаравӣ кардаанд. Ин ҷараён ба бисёр вожаҳои ноби форсӣ тамғаи архаистӣ зад ва онҳо аз истифода баромаданд. Ин кор ба аз байн рафтани саршир ва боқӣ мондани шири бешираи забони форсии Фарорӯд оварда расонд. Дигар шудани номи забон ва расмулхати бобоӣ табаре буд, ки барои аз решааш ҷудо кардан ба танаи дарахти сершоху барг ва пурбори фарҳанги мо зада шуд.

Дуршавӣ аз решаҳои худ ба он оварда расонд, ки тоҷик ба умқи осори назмию насрии аҷдодаш намерафтагӣ шуд. Муаррихон ва мусташриқони дунё бар онанд, ки забони форсӣ нахуст дар Бухорою Самарқанд ва Балх ташаккул ёфта, баъд ба соири кишварҳои ҷаҳон густариш ёфтааст. Вале имрӯз сатҳи забондонии тоҷикони Ўзбекистону Тоҷикистон, дар муқоиса бо сатҳи забондонии ҳамзабонони хориҷии худ, хеле поин рафтааст.

Тавассути расонаҳои ахбори оммавӣ ва гуфтугузори мардум мебинем, ки имрӯз дар маҳдудаи Тоҷикистон забони форсӣ (тоҷикӣ) як андоза рушд кардааст. Фикр мекунам, ба забони форсӣ (тоҷикӣ) дода шудани мақоми давлатӣ дар ин кишвар, талабу пофишории роҳбари ин мамлакат ва баргузории чорабиниҳои гуногун, мисли озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ» ва дигар озмунҳои зиндагисоз ба рушди он мусоидат менамоянд.

Чандест, ки дар матбуоти даврии тоҷик баҳси ба расмулхати бобоӣ гузаштан ё нагузаштан идома дорад. Дар ин баҳс олимон, шоирон ва нависандагони саршиноси тоҷик ширкат меҷӯянд. Инҷониб аз баромаду гузоришҳо натиҷа гирифтам, ки ҳаштод дар сади аҳли илму адаб ва зиёиёни тоҷик ҷонибдори ба расмулхати бобоӣ гузаштан мебошанд. Суди алифбои бобоӣ ба мардум шояд беш аз он аст, ки камина меандешам. Аз дидгоҳи инҷониб агар ин хат ҷорӣ карда шавад:

1. Насли имрӯз аз дастхатҳои ниёгон, бевосита, яъне бе баргардонидан ба хати кирилӣ, баҳра бурда метавонад.
2. Дар натиҷаи дастёбӣ ба матбуоти ҳамзабонони хориҷӣ доираи ҷаҳонбинии насли ҷавон беш аз пеш вусъат пайдо мекунад ва сатҳи забондониаш низ баланд мешавад.
3. Эрон дар табъу нашри китоб ва тарҷумаи осори адибони саршиноси ҷаҳон аз давлатҳои пешрафта маҳсуб меёбад. Дар ин кишвар адабиёти соҳавӣ низ зиёд ба дасти нашр мерасад. Аз ин хазина бо роҳи харид ва бознашр метавон баҳра бурд.
4. Шоирони саршиноси тоҷик натиҷа гирифтаанд, ки яке аз сабабҳои сактагии вазнӣ дар шеърашон савод баровардани онҳо бо хати кирилӣ будааст. Онҳо дар он андешаанд, ки хати форсӣ ин ишколро бартараф месозад.

Дар гузаштаи дуру наздик дар шеъри камистеъдодтарин шоирони тоҷик сактагии вазнӣ ва забонӣ пайдо намекунед. Фикр мекунам, ин ҳам ба шарофати хати форсист.

Баъзеҳо бо назардошти он, ки як ҳарф дорои чаҳор шакл аст, нуқтаҳояш зиёданд, зеру забар дорад, фикр мекунанд, савод баровардани аҳолӣ, аз ҷумла насли ҷавон, бо хати форсӣ душвор аст. Ба онҳое, ки чунин ақида доранд, суол доданием, ки чаро дар тӯли беш аз ҳазор сол ин хат барои аҷдоди мо мушкилие эҷод накард? Ё чаро чиноиёну ҷопониҳо, ки ҳар хаташон чанд шаклу намуд дорад (пешрафти техникиву иқтисодии ин мамлакатҳо мавзӯи алоҳида аст), аз мушкилии омӯзиши он наменоланд?

Тамоми шоирони классики мо, ки оламиён аз хазинаи маънавиашон баҳра бурдаанду мебаранд, бо ҳамин «хати мушкил» савод баровардаанд. Ана ҳамин «хати мушкил» насли ҷавони Афғонистону Эронро нисбат ба насли ҷавони мо пешрафтатар кардааст. Як мисоли зинда, ки ба ҷавонони Афғонистону Эрон бастагӣ дорад. Чандест, ки камина шеър машқ мекунам. Иттифоқ афтодааст, ки рӯзгоре дар ҳузури ҷавонони эронию афғонистонӣ чанд шеъргунаамро бихонам. Инҷониб аз хондан лаззат мебурдаму онҳо аз дарки шеър. Фикр мекунед, ки онҳо ба дунболҳои тасвирҳои шумо мегарданд. Аммо дар аудиторияи тоҷик ин лаззат камтар аст... Иллат дар чист? Фикр мекунам, иллат дар механизми таълими забон ва сатҳи пасти забондонии ҷавонони мост. Кӯдакони аҷдоди дуру наздики мо китоби муқаддаси мусалмонон — Қуръонро дар даҳсолагӣ ҳифз намудаанд. Аммо имрӯз дар тӯли даҳ сол ба фарзандони мо ҳифзи вожаҳои як забони муқтадир гаронӣ мекунад...

Ҳоло дар мактабҳои таълими ҳамагонии Тоҷикистон алифбои ниёгон, ба сифати фанни алоҳида, таълим дода мешавад. Дар мактабҳои тоҷикии Ўзбекистон низ пеш аз Истиқлолият омӯзонда мешуд, аммо ҳоло омӯзонда намешавад. Фикр мекунам, ин хат бояд амиқ омӯзонда шавад. Дар ҳар ду ҷумҳурӣ бояд тавре омӯзонда шавад, ки хатмкунандагон ҳамаи намудҳои ин хатро бароҳат хонда тавонанд. Ин фикру андешаҳои шахсии камина буд. Метавонанд дигарон бипазиранд ё напазиранд. Хостам ҳамқавмон бидонанд, ки доир ба ин мавзӯъ нуқтаи назари банда чист.

**Абдулло СУБҲОН.**



*Дар пойтахти Фаронса шаҳри Париж барои мукофоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон оиди кураш турнири байналхалқӣ баргузор гардид.*

*Дар турнири байналхалқие, ки бо гувоҳии ҳазорон сайёҳҳо дар назди манораи Эйфел рӯи кор омад, паҳлавонҳо аз наздик 30 давлати ҷаҳон қувва санҷиданд. Дар баҳсҳо аз рӯи тоифаи вазни мутлақ Шералӣ Ҷӯраев, Муҳсин Ҳисомиддинов ва Муҳаммадкарим Хуррамов шарафи мамлакатамонро ҳимоя карда бошанд, дар зӯрозмоӣ миёни бонувон Дурдона Абдуҷабборова ба гилем баромад. Дар ҳарби гаронвазнҳо М. Хуррамов ҳамаи рақибони худро мағлуб сохт ва мукофоти асосии мусобиқаро ба даст овард. Ҷойҳои дуюм ва сеюм ба Сумут Закрои сербиягӣ ва Данов Бабани македониягӣ насиб кард.*

*Дар таътил*

# ТОБИСТОНИ ХУРРАМИ НАВРАСОН

**_Ҳар як фасл хусусиятҳои худро дорад. Махсусан, тобистон фасли беҳтарин ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, он мавсими дӯстдоштаи наврасон, алалхусус мактаббачагон мебошад._**

Ҳар сол баҳри хушу хотирмон гузаронидани таътили мактаббачагон ғамхорӣ зоҳир мегардад. Имсол низ барои он ки истироҳати мактаббачагон пурсамар паси сар гардад, ҳамаи шароити мавҷударо ба роҳ мондаанд. Дар ноҳияи Сариосиё ду оромгоҳи бачагона: яке бо номи «Сардор-Парвин» ва дигаре «Хонҷиза» амал менамояд, ки ҳар як маскани салқину хушҳаво буда, бар замми ин барои истироҳат ва гузаронидани ҳар гуна чорабиниҳои варзишӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Махсусан, имрӯзҳо дар оромгоҳи «Сардор-Парвин», ки он ҷо аз тамоми ноҳияҳои вилоят мактаббачагон баҳри истироҳат омадаанд, баҳри фароғаташон омодагиҳои хуб дидаанд. Чунончи, таъмин намудан бо хӯрокҳои серғизо, тармим гардонидани майдончаи варзишӣ ва ташкил додани ҳар гуна бозиҳои варзишӣ, барои шогирдони китобдӯст бошад, ташкил намудани маҳфилҳои китобдӯстон ба таври бояду шояд ба роҳ монда шудааст.

Ҳини суҳбат сардори оромгоҳи «Сардор-Парвин» Ҳабибулло Зокиров оиди қабул, фароғати наврасон ба мо чунин гуфт:

– Чун ҳарсола дар оромгоҳи мо баҳри фароғати наврасон шароитҳои хуб ба роҳ монда шуд. Чунончи, пеш аз қабули истироҳаткунандагон оромгоҳ пурра аз таъмир баромад. Ниҳолу дарахтони серсояро ба тартиб оварондем. Сифати хӯрокро боз ҳам беҳтар гардонида, меъёри ратсиони онро низ аз нав дида баромадем.

Агар хулосаи гапро бигӯям, барои қабул ва фароғати мактаббачагон ягон муаммое садди роҳ намегардад.

Имрӯзҳо дар оромгоҳҳои бачагона зинаи савум оғоз ёфтааст. Умед ба он мебандем, ки падару модарон низ барои вақти холии фарзандонашро пурсамар гузаронидан саъю ҳаракат менамоянд ва онҳоро ба ин масканҳои ободу таътилӣ месупоранд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Дар куҷо бояд таҳсил кард*

# ТАЪСИСИ ГУРӮҲҲОИ ТОҶИКӢ – ИМКОНИЯТИ НАВИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

Дар соли хониши 2017-2018 дар вилояти Сурхондарё талабу дархости мардумро ба инобат гирифта филиали Донишгоҳи давлатии Термиз дар Деҳнав таъсис дода шуд.

Баъдан 17 апрели соли 2020 Қарори Президент "Дар бораи чораву тадбирҳои васеъ намудан ва минбаъд такмил додани раванди тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар вилояти Сурхондарё" қабул карда шуд. Мувофиқи ин қарор филиали мазкур ба Институти соҳибкорӣ ва омӯзгорӣ табдил дода шуд. Ин институт муассисаи давлатии таълими олии дорои мақоми шахсӣ-ҳуқуқӣ ба шумор меравад ва ба системаи Вазорати таълими олӣ ва махсус дохил мешавад.

Ҳини таъсис додани институти мазкур дар Қарори Президент махсус таъкид гардидааст, ки он бо профессорону муаллимони баландихтисос, ки дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ таҷрибаи амалӣ доранд, дар асоси интихоб таъмин карда шаванд. Доктори фанҳои филологӣ, профессор Ғанишер Раҳимов роҳбари ин муассисаи таълими олӣ таъин гардид.

Фаъолияти институт аз соли хониши 2020-2021 оғоз гардид. Мақсади асосии дар ин минтақа ташкил намудани он сабабҳои амиқ дорад. Гарчанде ки барои дастгирӣ намудани хоҳиши ҷавонон ба гирифтани маълумоти олӣ дар ноҳияҳои дурдасти мамлакатамон тадбирҳои муайян андешида мешаванд, вале ин тадбирҳо кофӣ нестанд. Дар натиҷа шумораи муайяни хатмкунандагони мактабҳо ва донишкадаҳои миёнаи махсус маҷбур мешаванд, ки ба мактабҳои олии мамлакатҳои хориҷӣ рафта таҳсил кунанд. Дар ду соли охир аз вилояти Сурхондарё қариб 7500 нафар ҷавонон барои таҳсил ба мактабҳои олӣ ба кишварҳои ҳамсоя рафтаанд.

Бо мақсади дар сарҳадҳои ҷанубии кишварамон ба сатҳи нав баровардани низоми тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва баҳри бо технологияи пешқадами педагогӣ таҳсил кардани ҷавонон имкониятҳои нав фароҳам оварда шуд.

Яъне, бо мақсади таъмин намудани иҷрои консепсияи бо мутахассисони баландихтисоси соҳибкорӣ, педагогӣ таъмин гардонидани минтақаҳои ҷанубӣ талабу дархостҳои аҳолӣ, шӯрои депутатҳои халқи вилояти Сурхондарё ба инобат гирифта шуд ва дар Деҳнав, ки ноҳияи серахолӣ ба ҳисоб меравад, институти мазкур таъсис дода шуд.

Чунон ки маълум мешавад ба зиммаи институт вазифаҳои беҳад муҳим вогузор шудааст. Азбаски дар вилояти Сурхондарё шумораи тоҷикон зиёданду дар 82 мактаб таълим ба забони тоҷикӣ ва тоҷикӣ-ўзбекӣ бурда мешавад ва қисми асосии тоҷикон дар минтақаи шимолӣ, яъне Олтинсой, Деҳнав, Сариосиё ва Узун зиндагӣ мекунанд, зарурати таъмини кадрҳои баландихтисос бештар ҳис карда мешавад. Аз ин рӯ, талаботи мардумро ба ҳисоб гирифта дар соли хониши 2022-2023 дар институти мазкур 4 гурӯҳи тоҷикӣ таъсис дода шуд ва қабули ҳуҷҷатҳо имрӯз ба поён расид. Дар соли хониши 2022-2023 дар Донишкада барои довталабон гурӯҳҳои зерини тоҷикӣ ташкил карда шуд:

1. Таълими томактабӣ – 5 нафар грант ва 15 нафар шартномавӣ;
2. Таълими ибтидоӣ – 5 нафар грант ва 10 нафар шартномавӣ;
3. Таълими фанни математика ва информатика – 5 нафар грант ва 10 нафар шартномавӣ;
4. Таълими фанни биология – 5 нафар грант ва 10 нафар шартномавӣ.

Ин аст имконияти Ўзбекистони Нав барои тоҷикон. Аз он бояд самаранок истифода бурд. Боз чизи дигарро низ зикр карданием, ки барои дар оянда боз ҳам васеътар ва бисёртар ташкил намудани гурӯҳҳои тоҷикӣ имсол чӣ қадар ҳуҷҷат супоридани довталабон аҳамияти муҳим дорад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Ёди он рӯзҳо*

# СЕ МЕТР АДРАС



Набераам Рухшона мактаби миёнаро хатм кард. Аҳли оила дар гирди дасторхон доир ба кадом муассисаи олӣ ҳуҷҷат супурдани ӯ баҳсу мунозира кардем. Яке ба донишкадаи омӯзгорӣ, дувумӣ ба соҳаи тиб, сеюмӣ ба бонку молия тавсия намудем.

– Солҳои охир дохил шудан ба муассисаҳои таълими олӣ нисбати пешина осонтар шудааст, дониши хуб дошта бошӣ, албатта дохил мешавӣ. Илова бар ин, ду сол боз дар курси тайёрӣ хондӣ. Солҳои мактабхонии мо курсҳои тайёрӣ набуд, тамоми донишро аз худи омӯзгор мегирифтем. Ман ба ивази се метр адраси намозишом ба донишкада дохил шуда будам, – ба набераам рӯ оварда гуфтам ман.

– Наход, бо се метр матоъ? – бо тааҷҷуб пурсиданд фарзандон.

Беихтиёр солҳои донишҷӯиямро пеши назар овардам...

Баъди хатми мактаби миёна хостам таҳсилро дар донишкада идома диҳам. Падари равшанфикру маърифатпарварам маро дастгирӣ кард, аммо момои якраву сахтгирам ба фикри онҳо розӣ нашуд.

– Хондани духтарбача шарт не. То механам гуфтана корҳои рӯзгорро ёд гир, – гуфт момоям бо истеҳзо.

Падару модарам шабу рӯз оиди хонданравии ман ба момо гап мекушоданд. Аммо ҷавоби ӯ қатъӣ буд.

– Шаҳри бегона, роҳи дур, дар оила танҳо худат кор мекунӣ. Маоши муаллимиат ба кадом як харҷи рӯзгор расад. Бар замми ин писарат ҳам ҳоло донишгоҳро хатм накардааст, – ба падарам рӯ оварда гуфт момо.

Рӯзе ба хонаи мо роҳбари синфам – муаллими Абдуназар меҳмон шуд. Ӯ аз нахостани момо ба хондани ман хабар дошт. Баъди пурсу пос ба момо гуфт:

– Момоҷон, Саодат мактабро хубу аъло тамом кард, дониши азхудкардааш зоеъ наравад, боварӣ дорам ба донишкада дохил мешавад.

– Баъди хонда шудан соҳиби чӣ гуна касб мешавад? – бо соддагӣ пурсид момоям.

Муаллими Абдуназар табассум карду гуфт:

– Баъди хатми донишкада муаллима мешавад, дар таълиму тарбияи фарзандони деҳа саҳм мегузорад...

Аз падар ва роҳбари синфам як умр миннатдорам, ки барои идомаи таҳсил момои якравамро розӣ кунонда буданд.

Ҳамин тариқ, бо ҳамроҳии падарам ба донишкадаи омӯзгорӣ ҳуҷҷат супурдам. Падарам маро ба хонаи дӯсти солҳои донишҷӯияш амаки Худойбердӣ монду худ ба деҳа баргашт.

Он солҳо имтиҳонҳои қабулро паси ҳам қариб дар давоми як моҳ месупурдем. Рӯзҳои имтиҳон ҳавлии донишкада аз одам пур мешуд. Довталабон бо падару модар, дӯстон ё наздикони худ омада буданд. Ҳар гоҳ ки довталабе имтиҳон супурда мебаромад, онҳо атрофашро печонда табрик мекарданд.

Аз се фан бомуваффақият гузаштам. Аммо аз фанни таърих бахтам омад накард. Имтиҳонгиранда зане буд гандумӣ, қадбаланд ва бадхашм. Куртаи сафеди гулдораш аз зону боло буд, ба пойҳои хароби лучаш мани деҳотӣ бо тааҷҷуб нигоҳ мекардам.

Ба се саволи билет дуруст ҷавоб додам, аз рӯйи саволи сеюм аз харита бояд қалъаи Брестро нишон медодам. Ҳаяҷон буд ё тарс, ҳамаи навиштаҳои харита дар пеши чашмонам чун мӯрча равуо доштанд.

– Дар куҷо ҷой гирифтани қалъаро надонӣ, ту чӣ хел донишҷӯ шудан мехоҳӣ? Аз аудитория баро! – ба куртаю пойҷомаи гулобӣ ва рӯймоли ҳошиядорам норозиёна нигоҳ карда амр кард муаллима.

Оҳиста аз хонаи имтиҳон баромадам. Аз ҳоли ман ҳеҷ кас намепурсид, ҳеҷ кас намешинохт ҳам. Дар чашмонам ашк ҳалқа зад. Дар хараки назди дарахт рафта нишастам. Чӣ бояд кард? Ба кӣ муроҷиат кунам? Агар аз баҳри ҳамааш бароему ба деҳа баргардам, соли оянда маро ба хондан намефиристанд, зуд ба шавҳар медиҳанд. Чизе гулӯямро бухс мекард, бо овози баланд гиря кардан мехостам.

Ҳамин дам нафаре тақ-туққунон омада дар наздам қарор гирифт. Сар боло карда дар рӯ ба рӯям муаллимаи дандонҳояш тиллоро, ки ҳуҷҷатҳоямро қабул карда буд, дидам.

– Ҳа, хоҳарам, чӣ шуд, чаро гиря мекунӣ? – пурсид ӯ.

Муносибати муаллимаи таърихро нақл кардам.

– Ҳамроҳи ту ҳеҷ кас наомад? Танҳо худат омадӣ? Наход бо нафаре гапзанон накарда бошед? – саволборон кард муаллима.

– Падарам маро монда рафтанд. Ба ҳеҷ кас гапзанон накардаанд, – гуфтам бо овози гиряолуд.

Муаллима каме фикр карду гуфт:

– Хоҳарҷон, ба ман нигоҳ кун, ман ба муаллимаи таърих мефаҳмонам, баҳоятро гирифта медиҳам. Вақте падарат омаданд, бо ман вохӯранд, хуб?

Ҳамин тавр, бо кӯмаки муаллимаи дандонтилло донишҷӯ шудам. Ба падарам мактуб навишта хушхабарро расондам. Ҳар дафъа, ки бо муаллимаи дандонтилло рӯ ба рӯ мешудам, падарамро мепурсид. Боз мактуб навиштам ва аз фанни таърих баҳои паст гирифтану бо кӯмаки муаллима дохил шуданамро низ баён кардам.

Баъди як моҳи донишҷӯйӣ падарам ба шаҳр омад. Ӯ гуфт, ки модарат аз сандуқ се метр куртавори адрасро гирифта, ба сумкаам андохта, таъкид кард, ки аз номаш ба муаллимаат диҳам, барои кӯмак миннатдориашро расонам.

Ба гуфтаи падарам аҳли оила интизор будаанд, ки ба донишкада дохил шуда наметавонаму ба деҳа бармегардам.

– Духтарам, донишҷӯ шудӣ, табрик мекунам, – гуфт бо хурсандӣ падарам.

– Раҳмат, додоҷон, ин ҳама самараи меҳнати шумост, – гуфтам ва хотиррасон кардам, ки бояд бо муаллима вохӯрад.

Дар яке аз чойхонаҳои баҳавои шаҳр бо муаллима вохӯрдем. Баъди тановули хӯроки нисфирӯзӣ падарам гап кушод:

– Муаллима, ба шумо раҳмат, ба духтарам кӯмак расондаед. Ба қавле акнун "гӯшташ аз шумою устухонаш аз мо". Боварӣ дорам, ки духтарам хубу аъло мехонад.

Баъди ин чизи коғазпечро аз сумкаам гирифта, ба сумкаи муаллима андохтам. Муаллима як-ду бор "лозим нест, овора нашавед" гуфту саросемавор онро ба сумкааш ҷой кард.

Баъди хайру хуш бо муаллима падару духтар роҳи хонаи амаки Худойбердиро пеш гирифтем. Моро холаи Саида бо хурсандӣ пешвоз гирифт.

– Биёед, биёед, шумоёнро интизор шуда, ошро накашида истодаем, – гуфту ба сӯйи мизу курсиҳои дар таги воиш гузошташуда таклиф кард.

Баъди хӯрдани оши самарқандӣ амаки Худойбердӣ аз корҳои имрӯзаи мо пурсон шуд.

– Э, дӯстам, маслиҳати шуморо гирифтаму, ба фикрам, муаллима аз мо меранҷидагӣ барин, охир духтарамон дар дасти онҳо 4-5 сол мехонад, розӣ кунем, хуб мешуд, – хавотиромез гуфт падарам.

– Чаро меранҷидааст? Саодат дохил шуд, бо хулқи хубу баҳои аъло худро нишон диҳад, Худо хоҳад, ангуштнамои факулта мегардад, – хотирҷамъона гуфт амак.

Саҳарӣ падарамро ба деҳа гусел кардем ва ман ба донишкада омадам. Баъди дарси якум дар роҳрав бо муаллимаи дандонтилло рӯ ба рӯ шудам, ӯ ба саломи ман хоҳам-нахоҳам базӯр алейк гирифт.

Коғазпечро, ки дар он се метр адрас буд, пеши назар оварда, маънидорона табассум кардам...

**Саодат РӮЗИЕВА.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
**_Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид._**

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 4716 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.